# РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ МУБОРАК, ТОҶИКИСТОН!

*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*


# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 135 - 136 (4555 - 4556) | ҶУМЪА, 4 НОЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад


## КОНСТИТУТСИЯ БОЯД КИТОБИ РӮИМИЗӢ БОШАД

**Сеюми ноябри соли равон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Конститутсия ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро яке аз дастовардҳои муҳими ҷомеа арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки имсол дар арафаи сиюмин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ таҷлил гардидани ин сана рамзӣ аст.**



- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи ирода, равшангари роҳи ҳаёти мардум ва санади тақдирсозест, ки низоми давлатдориро муайян намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад.

6 ноябри соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардид, аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд.

Конститутсия баробарии ҳамаро дар назди қонун эълон намуда, таъмини ҳуқуқу озодиҳоро ба ҳар кас сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва моликият ба дӯши давлат вогузор намудааст, ки ин барои бунёди ҷомеаи демократӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Дар ин замина талошу заҳматҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон фароҳам овард, ки сохтори мукаммали идоракунӣ, ҳукумати муосир, парламенти касбӣ ва дигар рукнҳои зарурии давлатдориро тибқи меъёрҳои замонаи нав бунёд намоем, - зикр кард Маҳмадтоир Зокирзода.

Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода бо ёдоварӣ аз таърихи қабули нахустин конститутсияҳо дар ҷаҳон изҳор дошт, бо номи конститутсия аввал санаде фаҳмида мешуд, ки онро император ё шоҳ мебаровард. Ин шояд ба моҳияти амру фармон рабт дошт ва бо конститутсияҳои имрӯза ягон умумият надорад. Бо шакли имрӯза Конститутсия таърихи тақрибан 235-сола дошта, нахустин маротиба соли 1787 дар ИМА қабул гардида, бо чандин тағйирот то имрӯз амал намуда истодааст.

- Дар Тоҷикистон солҳои 1929, 1931, 1935, 1937 ва 1978 аз ҷониби Совети Олии РСС Тоҷикистон конститутсияҳо қабул гардида буданд.

Солҳои навадуми асри гузашта дар бобати қабули Конститутсияи нав гуфтугузорҳо зиёд буданд. Дар банди 19-уми Эъломия дар бораи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 қайд гардида буд, ки «Эъломияи мазкур барои таҳияи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бастани шартномаи иттифоқӣ асос мебошад».

Дар асоси ин меъёр, бо қарори Совети Олии РСС Тоҷикистон Комиссияи тайёр намудани лоиҳаи Конститутсияи нави РСС Тоҷикистон дар ҳайати 53 нафар ташкил шуд.

Комиссияи мазкур шакли ибтидоии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода кард, ки он аз 150 модда иборат буд. Бо сабаби барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ин комиссия корашро то охир иҷро карда натавонист.

Баъд аз пош хӯрдани ИҶШС зарурати қабули Конститутсияи нав ба миён омад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлати наву мустақили Тоҷикистон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии замони гузашта ба фаъолият шурӯъ кард ва дере нагузашта маълум гашт, ки қолаби куҳна ба ҷисми нав мувофиқ нест».

Аз ин рӯ, омода кардани лоиҳаи Конститутсия ба талаби рӯз мубаддал гашт. Бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми январи соли 1992 ҳайати Комиссияи конститутсионӣ тасдиқ шуда, ба кор шурӯъ намуд. Лоиҳаи Конститутсия аз тарафи гурӯҳи корӣ омода ва ба Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Раёсати Шӯрои Олӣ лоиҳаро 22 апрели соли 1992 ба муҳокимаи умумихалқӣ тавсия кард. Муҳлати ҷамъбасти муҳокимаи лоиҳаи зикршуда 1-уми июли соли 1992 муайян карда шуд.

Оғози ҷанги шаҳрвандӣ, имкон надод, он қабул гардад, - зикр кард номбурда ва ҳамчунин афзуд, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Оли зарурати таҳияи Конститутсияи нав қайд гардида буд, зеро дар давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон Конститутсияи даврони шӯравӣ амал мекард.

Дар Иҷлосияи ҳабдаҳуми Шӯрои Олӣ (26 июли соли 1993) ба ҳайати Комиссияи конститутсионӣ тағйироти дахлдор ворид шуда, Раиси Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси комиссияи мазкур интихоб гардид.

Бо қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 1993 гурӯҳи корӣ оид ба таҳия намудани лоиҳаи Конститутсияи нави Тоҷикистон дар ҳайати 13 нафар таъсис дода шуд.

Бино ба гуфти Маҳмадалӣ Ватанзода, зарурат ва аҳамияти омода ва қабули Конститутсияи нави мамлакат дар Иҷлосияи ҳаждаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 1993) аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардид: «Имрӯз вақти он расидааст, ки мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ аз сухан ба амал гузарем. Бинобар ин, бояд Шӯрои Олӣ лоиҳаи Қонуни асосии навро баррасӣ карда, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд. Баъд аз хатми муҳокима таҳрири ниҳоии лоиҳаи Сарқонун ва гузаронидани раъйпурсии умумии он қабул шавад».

Сарвари давлат таъкид мекарданд, ки Конститутсия ба тариқи умумихалқӣ муҳокима ва қабул карда шавад.

- Гурӯҳи корӣ моҳи апрели соли 1994 ба Комиссияи конститутсионӣ ду лоиҳа - яке лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии парламентӣ ва дигаре лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентиро пешниҳод кард. Комиссияи конститутсионӣ баъд аз муҳокима лоиҳаи ҷумҳурии президентиро барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод кард.

Бо қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 1994 лоиҳа дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ чоп гардид. Комиссияи конститутсионӣ таклифу эродҳои мардумро оид ба такмили лоиҳа ба ҳисоб гирифта, лоиҳаро бо назардошти таклифҳо такмил дода, ба Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход намуд. Зиёда аз ҳашт ҳазор пешниҳоде, ки ба комиссия ворид гашта буданд, ақидаи миллионҳо сокини мамлакатро дар бар мегирифтанд.

20 июли соли 1994 бо пешниҳоди Сарвари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи бистуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон референдум барои қабул кардани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми сентябри соли 1994 таъин гардид.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

## ТАЪМИНИ ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ БА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ИСТИФОДАИ ЗАМИН МУСОИДАТ МЕКУНАД

**Сеюми ноябри соли ҷорӣ таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим дар мавзӯи «Таъмини заминаи ҳуқуқии истифодаи оқилонаи захираҳои замини Тоҷикистон» суҳбати мизи мудаввар баргузор гардид. Мавзӯи зикршуда бо пешниҳоди Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар он вакилони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, масъулону коршиносони Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзӣ ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд.**



Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим ҷамъомадро ифтитоҳ карда, таъкид намуд, ки дастовардҳои Тоҷикистон дар ҳифз ва истифодаи захираҳои замин дар қатори дигар комёбиҳо бевосита ба сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандӣ дорад. Дар ин бобат бо қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқии соҳа таъмин гардид. Аз ҷумла, қабули Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996 ба муайян кардани принсипҳои қонунгузории замин, асосҳои заминсозӣ, пешбурди кадастри давлатӣ, назорати истифодабарӣ, пардохт ва уҳдадориҳои истифодабарандагони замин, муносибатҳои ҳуқуқӣ дар идоракунӣ, ихтиёрдорӣ ва ҳифзи захираҳои замин барои манфиати шаҳрвандони мамлакат асос гузошт. Тағйироти соли 2012 ба Кодекси замини ҷумҳурӣ воридгардида имкон дод, ки ҳуқуқи истифодабарии замин ҳамчун омили харидуфурӯш муқаррар гардида, дар асоси он бозори фурӯши ҳуқуқи истифодабарии замин ба вуҷуд ояд.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ ПАСАНДОЗДОРОН ВА МЕРОСХӮРОНИ ОНҲО ҲИМОЯ МЕГАРДАД

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Аламшозода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ» дар асоси моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2022 таҳти № 3551(29-3.4) таҳия шудааст.

Ҳадаф аз таҳияи он гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ ҷиҳати эътибор пайдо кардани созишнома мебошад. Созишнома бо мақсади фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи тарафҳо дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ равона гардидааст. Он дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ аз муқаддима ва 17 модда иборат буда, дар муқаддима асосҳо барои баста шудани созишнома ифода ёфтааст.

Дар моддаҳои 1-3 дар бораи мафҳумҳои асосие, ки дар созишнома истифода бурда мешаванд, муқаррароти умумӣ ва кирдорҳои ҷиноятие, ки дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ эътироф мешаванд, пешбинӣ гардидааст.

Дар моддаҳои 4-6 оид ба мақомоти салоҳиятдор, ки ҳамкориро дар доираи созишномаи мазкур амалӣ менамоянд, шаклҳои ҳамкорӣ ва масъалаи дархости кумак меъёр муқаррар гардидааст.

Дар моддаҳои 7-9 оид ба иҷрои дархостҳо дар бораи расонидани кумак, махфияти иттилооти ба дигар тараф пешниҳодгардида ва истифодаи натиҷаҳои иҷрои дархост муқаррар гардида, дар моддаҳои 10-12 тартиби интиқоли маълумот ба тарафи сеюм, масъалаҳои вобаста ба рад кардани иҷрои дархост ва хароҷоти дар ҷараёни татбиқи созишнома бамиёномада қайд шудааст.

Дар моддаҳои 13-15, муносибат бо дигар шартномаҳои байналмилалӣ, ҳалли баҳсҳое, ки ҳангоми татбиқ ва тафсири созишномаи мазкур бармеоянд ва тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он пешбинӣ шуда, дар моддаҳои 16 ва 17 масъалаҳои вобаста ба тартиби ҳамроҳшавӣ ба созишномаи мазкур ва эътибори қонунӣ пайдо намудани он дарҷ гардидааст.

Созишнома ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш карда мешавад, ки тасдиқи онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯи масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ 28 сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



Он дар бораи мафҳумҳои асосие, ки дар созишнома истифода бурда мешаванд, муқаррароти умумӣ ва кирдорҳои ҷиноятие, ки дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ эътироф мешаванд, меъёрҳо пешбинӣ менамояд. Инчунин дар созишномаи мазкур оид ба масъалаҳои мақомоти салоҳиятдор, шаклҳои ҳамкорӣ, масъалаи дархости кумак оид ба иҷрои дархостҳо дар бораи расонидани кумак, махфияти иттилооти ба дигар тараф пешниҳодгардида, истифодаи натиҷаҳои иҷрои дархост, тартиби интиқоли маълумот ба тарафи сеюм, масъалаҳои вобаста ба рад кардани иҷрои дархост, хароҷоти дар ҷараёни татбиқи созишнома, муносибат бо дигар шартномаҳои байналмилалӣ, ҳалли баҳсҳои ҳангоми татбиқ ва тафсир бавуҷудомада, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо, масъалаҳои вобаста ба тартиби ҳамроҳшавӣ ба созишномаи мазкур ва эътибори қонунӣ пайдо кардани он меъёрҳои муайян мустаҳкам шудааст.

Созишнома бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 октябри соли 2022 таҳти №1399 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи номбурдаро мавриди омӯзиш қарор дода, онро пурра ҷонибдорӣ карданд.

Кумитаи масъул 26 октябри соли 2022 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро мавриди баррасӣ қарор дод.

Созишномаи мазкур ба талаботи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки тасдиқи онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Маблағгузории иловагии барномаи солимгардонии молиявии корхонаи энергетикӣ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» шурӯъ мекунем.

Сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Каримзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед КАРИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис**, **Раёсат, вакилони арҷманд**, **ҳозирини гиромӣ**!

Ба баррасии шумо Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Маблағгузории иловагии барномаи солимгардонии молиявии корхонаи энергетикӣ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд пешниҳод гардидааст.

Созишномаи баррасишаванда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар 22 сентябри соли 2022 дар ҳаҷми 80 млн. доллари амрикоӣ (баробар ба 59,3 млн. ҳуқуқҳои махсуси қарздиҳӣ) ба имзо расонида шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

# ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ ПАСАНДОЗДОРОН ВА МЕРОСХӮРОНИ ОНҲО ҲИМОЯ МЕГАРДАД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Мақсади асосии татбиқи барнома баланд бардоштани қобилияти молиявӣ, эътимоднокии таъминоти барқ ва такмили рушди низоми идоракунӣ дар ШСХК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» мебошад.

Яке аз воситаи муҳим дар самти солимгардонии вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» ҷалби маблағҳои грантии шарикони рушд ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, ҷиҳати ҷалби маблағҳои грантии шарикони рушд «Нақшаи амал вобаста ба солимгардонии вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» дар солҳои 2019- 2025» таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки дар он пешниҳоди тадбирҳои асосии сиёсӣ, молиявӣ, идоравӣ, такмили институтсионалӣ ва чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани самаранокии молиявӣ, техникӣ ва истеҳсолӣ пешбинӣ гардидааст.

Мувофиқи нақшаи мазкур барои солимгардонии молиявии ширкат дар панҷ соли оянда ба маблағи 1,2 млрд. доллари амрикоӣ барои пардохтҳои ҷорӣ ва қарзҳои кредитории истеҳсолкунандагони мустақили неруи барқ, пардохти қарзҳои тиҷоратии бонки маҳаллӣ, инфрасохтори зарурӣ барои ҳисобкунӣ, барқарорсозӣ ва таҷдиди иншооти интиқол ва тақсимоти неруи барқ ва хизматрасониҳои машваратии ба нақшаи солимгардонии молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» алоқаманд зарур мебошад.

Мувофиқи созишнома маблағҳои грантӣ, тибқи ҷадвал, баъд аз иҷрои чорабиниҳои нақшавӣ ва мутаносибан ноил гардидан ба натиҷаҳои муайян пардохт карда мешаванд. Натиҷаҳо аслан ба самти солимгардонии вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик», қобилияти пардохтпазирии он, таъмини боэътимоди неруи барқ, такмили идоракунӣ ва шаффофият дар ШСХК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» равона гардидаанд.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои нақшаи мазкур, соли 2020 дар ҳамкорӣ бо Бонки умумиҷаҳонӣ 134 млн. доллари амрикоӣ маблағҳои грантӣ барои татбиқи «Барномаи солимгардонии вазъи молиявии корхонаи энергетикӣ» ҷалб гардид, ки то ҳол зиёда аз 50 фоизи он аз худ карда шудааст. Дар маҷмӯъ, барнома ба баланд бардоштани қобилияти молиявӣ, эътимоднокии таъминоти барқ ва такмили системаи идоракунӣ дар ШСХК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» равона карда мешавад.

Татбиқи барномаи мазкур дар соли ҷорӣ оғоз ёфта, анҷоми он моҳи августи соли 2032 ба нақша гирифта шудааст.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки созишномаи грантии пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Маблағгузории иловагии барномаи солимгардонии молиявии корхонаи энергетикӣ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд 22 сентябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Мақсади созишнома дар самти солимгардонии вазъи молиявии Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» ҷалби маблағҳои грантии шарикони рушд мебошад.

Маблағгузории иловагии барномаи солимгардонии молиявии корхонаи энергетикӣ соли 2023 оғоз ёфта, анҷоми он соли 2027 ба нақша гирифта шуда, он ба «Стратегияи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки умумиҷаҳонӣ барои солҳои 2019-2023» ворид карда шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаро мавриди баррасӣ қарор дода, бо пешниҳоди хулосаҳо онро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ ва ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома оид ба маблағгузорӣ (Маблағгузории иловагии барномаи солимгардонии молиявии корхонаи энергетикӣ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Раҳмон ДИЛШОД:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мутобиқи муқаррароти моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқии фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбияи кӯдакону наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи арзишҳои суннатию башарӣ, дӯст доштани Ватани азизу маҳбуб, тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, дорои эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вазифаи аввалиндараҷаи давлат, ҷомеа ва оила ҳисобида, пайваста дар ин бора роҳнамоӣ ва ҳидоят менамоянд.

Мувофиқан, масъалаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, хусусан дар вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо кардани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, таассуби динӣ, бегонапарастӣ, дахолати неруҳои бадхоҳ ба корҳои дохилии кишварҳои ҷаҳон, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, беш аз пеш муассир буда, вусъат бахшидани кори тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва танзими ҳуқуқии он хеле зарур ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Қабули қонуни мазкур тақозои замон ва талаботи рӯз аст. Он ба таҳкими ҳисси муҳаббат ба Ватан, ватанпарастӣ, худшиносӣ ва нигоҳдошти ҳувияти миллии шаҳрвандон мусоидат намуда, масъулияти мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро дар рушду инкишофи кишвар, ҳифзи манфиатҳои умумимилливу умумидавлатӣ баланд мебардорад, инчунин, барои ташаккули заминаҳои меъёрии ҳуқуқии самти тарбияи ватандӯстӣ, ҷанбаҳои фарҳангӣ, маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷомеа, бахусус дар байни наврасону ҷавонон, имкониятҳои нав ба вуҷуд меорад.

Дар сатҳи қонун таҷассум ёфтани мафҳуми тарбияи ватандӯстӣ, ҳамчунин, ба тақвият ёфтани масъулиятшиносии ҳар як шаҳрванд дар назди Ватан, тавсеаи мавзӯи хештаншиносӣ дар ҷомеа ва ташаккулёбии насли навраси солиму меҳандӯст заминаҳои марбутаи ҳуқуқиро фароҳам меорад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мувофиқ ба раванди рушди низоми қонунгузории кишвар ва мутобиқ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, инчунин, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Гавҳар Шарофзода дода мешавад. Марҳамат.

**Гавҳар ШАРОФЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» мутобиқи муқаррароти моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади танзими ҳуқуқии фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, муайян кардани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин соҳа, субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, тақсимоти вазифаҳо дар байни мақомоти ба амалбароварандаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва муайянсозандаи масъулияти онҳо, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2022 таҳти №1278 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуд.

12-уми октябри соли 2022 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи васеи кумита пешниҳодҳои ироагардида баррасӣ шуданд. Ҷиҳати такмили он 95 пешниҳод манзур гардид, ки аз онҳо 50-то қабул ва 45 - тояш қабул нашуд. Лоиҳаи қонуни мутобиқ ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ расмиёти дохилиро дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст.

Он ба моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад, инчунин аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар шароити мураккаби равандҳои номатлуби ҷаҳонишавӣ, таҳдиду чолишҳои замони муосир, ки давлатҳои ҷаҳонро фаро гирифтаанд ва таъсири онҳо ногузир ба кишвари мо низ расида истодааст, масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, хусусан ҷавонон, муҳиму таъхирнопазир барои ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, давлат чораҳое меандешад, ки ватандӯстӣ яке аз рукнҳои асосии мафкураи миллӣ дониста шавад. Ин масъаларо гаштаю баргашта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд. Пешвои миллат дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бора чунин иброз намуданд: «Вазифаи имониву муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат – аз шаҳрванди одӣ то корманди баландпояи мақомоти давлатӣ таблиғи бедории миллӣ, зиракию ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди



ифтихори ватандориву ватандӯстӣ, густариши ғояҳои худогоҳиву худшиносии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад».

Ба воя расонидани фарди ватандӯст бевосита ба таълиму тарбияи он вобастагӣ дорад. Ватандӯстӣ чист? Ин ифтихор аз дастовардҳои Ватани азиз, омода будан дар ҳимояи Ватан ва бартараф кардани таҳдиду хатарҳо, эҳтиром ба таъриху мероси ниёкон ва анъанаҳои миллию фарҳангӣ мебошад.

Заминаи аввалини тарбияи ватандӯстӣ, ки омили муҳимтарини таъмини пешрафти ҷумҳурӣ мебошад, омода кардани кадрҳои соҳибилму соҳибкасб аз донишҳои замона бархӯрдор ва эҷодкор ба ҳисоб меравад.

Ҳама хуб медонем, ки дар заминаи хурофот соҳибкасби хуб, ватандӯсти асил ва миллатдӯстро тарбия кардан ғайриимкон аст. Баръакси ин ҳамеша метавонад гаравидани ҷавононро ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, ки ҷуз харобшавии ҳисси ватандӯстӣ чизе ҳосил намедиҳад, ба вуҷуд орад. Аз ин хотир, Пешвои миллат ба мо тавсия ва супоришҳои муайяну мушаххас додаанд, то дар масоили ватандӯстию ватанпарастӣ насли наврасро тавре тарбия намоем, ки онҳо ҳамчун шаҳрвандон ва ватанпарастони асил ба воя расанд.

Ин таъкидҳои Пешвои миллат дар моддаҳои алоҳидаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», ки муқаррароти алоҳидаро доир ба субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ, низоми тарбияи ватандӯстӣ ва идораи он, таъминоти илмӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, ташкилию методӣ ва молиявию иқтисодии тарбияи ватандӯстӣ дар бар мегирад, инъикос ёфтаанд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳишмандам, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» -ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Ҳуснигул ОДИНАЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» саривақтӣ буда, он метавонад ҳисси худшиносии миллӣ ва ватандӯстиро байни шаҳрвандон боз ҳам тақвият бахшад. Алалхусус тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ, ки бахри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқ, дастовардҳои он ва Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёгон мебошад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ баромад кардан мехоҳад? Марҳамат.

**Зоир РАҲМОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими пояҳои давлатдории миллиамон мавқеъ ва нақши калидӣ доштани ҷавонону наврасонро пайваста таъкид менамоянд.

Дар рӯҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ, ҳифзи сарҳадот, муқаддасоту арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон ҳамчун шаҳрвандони содиқ ба Ватан яке аз самтҳои фаъолияти муҳими Ҳукумати кишвар буда, тамоми мақомоту сохторҳои давлатӣ, оила ва ҷомеаи имрӯзаро масъул меҳисобанд.

Илова бар ин, 26 - уми декабри соли 2019 Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки бо дарназардошти шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологи-



яҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегона зиёд мушоҳида гардида истодааст, ин омилҳо метавонад ба фарҳанги миллӣ ва тафаккури шаҳрвандон таъсири манфӣ расонад.

Аз ин рӯ, дар ин раванди бархӯрди тамаддунҳо ва низоъҳои сиёсӣ омӯзиши фарҳангу тамаддун, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як шаҳрванди мамлакат, хусусан ба насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Бо ин мақсад, аз тарафи Ҳукумати мамлакат то имрӯз як қатор қонунҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар самти пешбурди сиёсати давлатии ҷавонон қабул карда шудааст, ки самтҳои гуногуни онро танзим менамояд.

Вале то ҳол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», ки самтҳои фарохи онро дар бар гирад, дар алоҳидагӣ қабул карда нашудааст. Аз ин лиҳоз, имрӯз бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» таҳия ва пешниҳод гардидааст, ки дар замони муосир бисёр зарурӣ, муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Итминони комил дорем, ки пас аз қабули қонуни мазкур дар муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба пешбурди сиёсати давлатӣ, иштирок ва фаъолнокии ин қишри ҷомеа дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии мамлакат пешравиҳои куллиро ба миён меоварад.

Аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан» оғоз мекунем. Сухан ба муовини якуми вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Собирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Эмомалӣ СОБИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан» аз ҷониби



вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мақсади дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқ гардонидани меъёрҳои он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунандаи кишвар, мукаммал кардани истилоҳу ибораҳо, истифодаи якхелаи мафҳумҳо ва бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта мебошад.

Ҳамин тариқ, дар лоиҳаи қонун мафҳумҳои асосии истифодашаванда илова ва мушаххас карда шудаанд, аз ҷумла ҷовидон гардонидани хотираи шахсони ҳангоми ҳифзи Ватан, ҳимояи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ҳалокшуда тавассути арҷ гузоштан ба шуҷоат, мардонагӣ ва қаҳрамонии онҳо, баҳисобгирӣ, ба тартиб даровардан, ҳифзу обод ва нигоҳбонӣ кардани қабрҳои ҳарбӣ, ёдгориҳои ҳарбӣ, ҷойҳои инфиҷор ё суқуткардаи техникаю ҳавопаймоҳои ҳарбӣ, гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ бо мақсади пайдо кардани қабрҳои ҳарбии бақайдгирифтанашуда, муқаррар намудани маълумоти шахсии хизматчиёни ҳарбии ҳалокшуда ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда.

Инчунин, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар баробари дигар сохторҳои ҳарбӣ ва мақомоти давлатӣ, ҳамчун анҷомдиҳандаи кори ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан ворид карда шуда, вазифаҳо ва ваколатҳои он мушаххас нишон дода шудаанд.

Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои ҳарбии кишвар бахри ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон, ки барои баланд бардоштани рӯҳияи ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар аҳамияти калон дорад, пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида истодаанд.

Бо адои эҳтироми ҳарбӣ дафн кардани хизматчиёни ҳарбӣ, гузоштани санги қабр, сутуни ёдбуд, муҷассама дар оромгоҳҳо, ба маҳалҳо, кӯчаю майдонҳо, муассисаҳои таълимӣ ва қисмҳои ҳарбӣ гузоштани номи ҳалокшудагон, пешбурди корҳои ҷустуҷӯӣ ва баргузор намудани ҳамоишу чорабиниҳои оммавӣ дар санаҳои муҳим аз ҷумлаи чунин чорабиниҳо ба ҳисоб мераванд.

Дар таҳияи нав қабул кардани қонуни зикршуда ба сохторҳои ҳарбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ барои дар амал татбиқ намудани сиёсати давлат нисбат ба ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон шароити мусоид фароҳам оварда, барои ташаккули мафкураи ҷамъиятӣ ва арҷгузорӣ ба корнамоӣ ва қаҳрамонии шахсони ҳангоми ҳифзи Ватан ҳалокшуда мусоидат мекунанд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳишмандам лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Толибхон Азимзода дода мешавад.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Шоҳиён, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Идизода, Ш. Ҳакимзода, Ғ. Азиззода, М. Шодиён, З. Файзуллозода ва З. Сафарзода пешниҳод гардидааст, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шудааст.

Ҳангоми таҳияи қонун талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд, аз ҷумла баъзе қонунҳои намунавии Ассамблеяи парлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, амалияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 апрели соли 1995 «Дар бораи ҷовидон сохтани хотираи шаҳрвандоне, ки ҳангоми муҳофизати Ватан ҳалок гардидаанд», таҷрибаи мавҷуда ва як қатор дигар санадҳои марбута ба назар гирифта шудааст.

Дар лоиҳаи қонун асосҳои ташкиливу ҳуқуқии ҷовидон гардонидани хотираи шаҳрвандонеро, ки ҳангоми ҳифзи Ватан, муҳофизати сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ба ҳалокат расидаанд, муайян шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз 6 боб ва 24 модда иборат буда, дар он ҳамаи ҳолатҳои ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан ва вазифаҳои мақомоти дахлдори давлатӣ вобаста ба амалӣ намудани меъёрҳои қонун мушаххас муайян карда шудаанд.

Мақсади дигари таҳияи лоиҳаи қонун ин овардани эҳтиром ба ном ва хотираи неку абадӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ, ҳамчунин, тартиби расонидани ёрии ҳаматарафаи иҷтимоӣ ба оила ва фарзандони шахсони дар роҳи ҳимояи Ватан синасипаркарда ва ҷонфидою ҳалокшуда мебошад.

Лоиҳаи қонун баъди манзур гаштанаш барои хулоса ба Кумитаи



Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонунро мавриди омӯзиш қарор дода, дар хулосаҳояшон онро ҷонибдорӣ намуда, барои мукаммал гардонидан 31 пешниҳод манзур карданд, ки дар маҷмӯъ, ба назар гирифта шуд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Раёсати ҳуқуқи дастгоҳ, бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаҳои 1, 10, 27, 35 ва 59 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», бобҳои 5 ва 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷавобгӯ буда, ба онҳо мухолифат надорад.

Аз шумо, хоҳиш менамоям, ки қонуни зикргардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Саидҷаъфар УСМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қабул кардани қонуни мазкур дар баланд бардоштани рӯҳияи ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат нақши муҳим хоҳад бозид. Бо истифода аз ҳузури муовини якуми вазири молияи ҷумҳурӣ як пешниҳод доштам. Амалишавии қонун баъзе хароҷотро талаб мекунад. Ҳарчанд имрӯз дар баъзе соҳаҳо вобаста ба маблағ мушкилиҳо вуҷуд доранд, вале ҳифзи Ватан кори аввалиндараҷа

# ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ ПАСАНДОЗДОРОН ВА МЕРОСХӮРОНИ ОНҲО ҲИМОЯ МЕГАРДАД

аст. Аз ин рӯ, пешниҳод дорам, ки Вазорати молия зимни таҳияи буҷети давлатӣ барои соли 2023 аз ҳисоби маблағҳои иловагӣ талаботи Вазорати мудофиаро пурра қонеъ намояд.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан»- ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан» иқдоми нек буда, баҳри пос доштани хотираи он ҷавонмардоне, ки барои барқарокунии сохти конститутсионии кишвар ва ҳифзи марзу буми он ҷон супурданд, саҳм мегузорад. Арҷ гузоштан ба далерию мардонагӣ, нангу номус, фидокории фарзандони баору накуном вазифаи ҳар яки мост.

Ҳоло намедонем, ки боз чандин фарзандони ҷонфидои миллат, ки аз дасти душманони дохилию хориҷӣ ба ҳалокат расидаанд, ҷасадҳояшон дар куҷо дафн шудааст. Оромгоҳҳо, маҷмааҳои ёдбуд, ки ҳамчун мафҳуми асосӣ дар лоиҳа дарҷ шудаанд, бояд ҷои муқаддас бошанд ва ҳар як нафарро водор созад, ки дар ободу зебо кардани хонаи охирати фарзандони ҷонсупурдаи миллат бо қадри имкон саҳм гузорад.

Пешниҳод дорам, ки баъд аз қабули ин қонун ба Вазорати маориф ва илм ва Вазорати мудофиа супориш дода шавад, ки дар ҳамаи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мактабҳои типи нав, коллеҷу донишгоҳҳои олӣ ва ҳарбӣ соати дарсӣ гузоранд, то манбаи асосии пайдоиши вандализмро, ки ҷаҳонро фаро гирифтаасту ба Тоҷикистон низ сироят кардааст, гирифта шавад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан»- ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Мавзуна ШАМСИДДИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан» дар таҳрири нав ниҳоят саривақтӣ ва мубрам аст, хусусан дар замони муосир. Ҳодисаҳои охир нишон дод, ки Давлат, Ҳукумат ва мақомоти маҳаллӣ ба ҳалокшудагон ва пос доштани хотираи онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», ки қаблан қабул гардид, алоқамандии зич дорад ва барои таълиму тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ватанпарастӣ мусоидат мекунад.

Зинда нигоҳ доштани хотираи неки ҳалокшудагон барои ҳифзи Ватан бисёр муҳим аст. Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан»- ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Файзулло БАРОТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, қонуни мукаммал, иқдоми саривақтӣ ва дорои ҳадафҳои инсондӯстона ва ватанпарастӣ буда, аҳамияти он дар муҳайё намудани заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ҷиҳати ҷовидон гардонидани хотираи шаҳрвандони шуҷои Ватан зоҳир мегардад. Ба андешаи мо, таҳияи ин қонун аз ду ҷиҳат муҳим аст:



Якум, вазъияти минтақавӣ ва байналмилалӣ ташаккули мафкураи созгори ҷамъиятӣ ва арҷгузорӣ ба корнамоии ҳалокшудагонро ҳангоми ҳифзи Ватан қотеона тақозо менамояд, ки он барои тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар шароити кунунӣ ба таври мусбат таъсиргузор аст. Ин падида амалисозии чораҳои таблиғотиро ҷиҳати тақвияти тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи омода будан барои ҳифзи марзу буми Ватан ҳамаҷониба сайқал медиҳад.

Дуюм, дар қонуни мазкур сиёсати давлатӣ дар ин самт, вазифаҳои шаҳрвандон, шаклҳои асосии ҷовидонгардонӣ, таъини мақомоти дахлдор оид ба корҳои ҷустуҷӯӣ ва нигоҳубини оромгоҳҳои ҳалокшудагон ба таври возеҳу равшан баён гардидааст. Муҳтавои санади ҳуқуқию меъёрии мазкур барои баланд бардоштани адои қарзи фарзандию шаҳрвандии сокинони кишвар ҷиҳати анҷом додани тадбирҳои ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан мусоидат менамояд. Ин қонун дар таҳкими сиёсати муваффақонаи дохилӣ ва сиёсати бисёрқутбаи хориҷии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такони ҷиддӣ ворид месозад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳишмандам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Лоиҳаи қонун мукаммал аст. Мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул гардад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» шурӯъ мекунем. Сухан ба муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Каримзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷамшед КАРИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» қаблан 11 декабри соли 1999 таҳти №887 қабул гардида, айни ҳол бо мақсади тақвият бахшидани раванди идоракунии қарзи давлатӣ ва мутобиқ намудани он ба стандартҳои байналмилалии молиявӣ дар самти қарзи давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ, тибқи супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2022 таҳти №23133 (23-8) бо ҷалби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, ва маҳаллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо риояи қатъии афзалиятҳои сиёсати молиявии кишвар таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» дар таҳрири нав бо фарқияти 60 фоиз тағйироти маҷмӯи пурраи он аз қонуни қаблӣ таҳия гардидааст. Аз ҷумла, аз 39 моддаи иборатбуда дар қонуни қаблӣ 16 моддаи қонуни мавҷуда бо тағйиру иловаҳо ва 23 моддаи он дар таҳрири нави қонун ворид карда шудааст. Аз лиҳози техникии муайянкунии принсипҳои асосии идоракунии қарзи давлатӣ, шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, самаранокӣ, мақсаднокӣ, пешгӯии хавфҳо (моддаи 11), ҳадафи қарзгирии давлатӣ (моддаи 12), таркиби сохтори қарзи давлатӣ (моддаи 14), қарзи дохилии давлатӣ (моддаи 15), сиёсати қатъи уҳдадориҳои қарзӣ ва соқит кардани онҳо (моддаи 16), тартиби хизматрасонии қарзи давлатӣ (моддаи 18), пайгирии стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатӣ (моддаи 19), таҳияи ҳарсолаи барномаи қарзгирии давлатӣ (моддаи 20), ҳуқуқэҷодкунӣ ва меъёрэҷодкунӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ гардонида шуда, меъёрҳои нав аз ҷумла, меъёри ҳадди ниҳоии қарзи давлатӣ, кафолатҳои давлатӣ, азнавқарздиҳии ҳадди ниҳоӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар бобҳои 3 ва 4 аз нав ворид карда шудааст.

Ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дарҷ гардидааст.

Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи қонун аз ҳисобот додан дар самти қарзи давлатӣ (моддаи 22), гузаронидани аудити берунии қарзи давлатӣ, таъмини иҷрои кафолати давлатӣ ва ҷуброни маблағҳои ба ин мақсад истифодашуда (моддаи 27), назорат аз рӯи масъулияти истифодаи маблағҳои қарзии кафолатдодашуда (моддаи 30) азнавқарздиҳии қарзҳо (боби 6 моддаҳои 31 то 36) иборат мебошанд.

Қабули қонуни мазкур дар таҳрири нав яке аз тавсияҳои афзалиятдоштаи Бонки умумиҷаҳонӣ дар доираи тадбирҳои самараноки сиёсат (Performance and Policy Actions) барои соли молиявии 2022 (1 июли соли 2021 - 30 июни соли 2022) ба шумор меравад.

Иҷрои тадбири мазкур минбаъд бевосита ба ҷалби маблағҳои афзалиятноки лоиҳаҳои шарикони рушд ва аз ҳисоби Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (IDA) ва минбаъд ҳимояи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ иборат мебошад.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат надорад.

Он тибқи бандҳои 13 - 15 боби 3 - Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014 таҳти №355 тасдиқ гардидааст, мавриди арзёбии дохилиидоравӣ қарор гирифта, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи фасод ошкор нагардидааст.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашӯрзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон он ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуд.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳои пешниҳоднамудаашон ҷонибдорӣ ва ҳамзамон 330 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аз таклифҳои пешниҳодгардида 133-тоаш қабул, 75-тоаш қисман қабул ва 122-тоаш қабул нашуд. Пешниҳодҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.



Бо назардошти таклифу дархостҳо муқаддимаи лоиҳаи қонун, тибқи мақсаду мазмуни он мавриди таҳрир қарор дода шуда, ба моддаи 1-уми лоиҳа мафҳуми нав «манфиатгирандагони ниҳоии азнавқарздиҳии қарзҳо» ҷой дода шуд. Бандҳои 9) ва 11) моддаи 4, бандҳои 4) ва 14) моддаи 5-уми лоиҳа, матни моддаи 6 аз лиҳози услуби мантиқиву забонӣ дар таҳрири нав ифода карда шуданд.

Ҳамчунин, бо мақсади аз байн бурдани мухолифати дохилимеъёрӣ банди 7) моддаи 5, қисмҳои 1 ва 4 моддаи 22, қисми 3 моддаи 28 ва қисми 3 моддаи 36 лоиҳа бо ҳам мутобиқ карда шуда, минбаъд ҳисоботи семоҳа ва солона дар бораи қарзи давлатӣ аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар як вақт ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

Бо мақсади аз байн бурдани номутобиқатӣ ва дуруст муайян кардани салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ банди 12) моддаи 4 ва ҷумлаи дуюми қисми 2 моддаи 25 хориҷ карда шуданд.

Дар иртибот бо принсипҳои низомсозии соҳаи идоракунии қарзи давлатӣ мувофиқи мақсад ҳисобида шуд, ки ба моддаи 11-уми лоиҳа 2 принсипи бунёдсоз - самаранокӣ ва мақсаднокӣ илова карда шаванд.

Инчунин, дар робита бо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷумлаи дуюми қисми 1 моддаи 23 хориҷ карда шуда, дар қисми 2 - юми ҳамин модда тартиби пешниҳоди ҳисоботи солонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити қарзи давлатӣ муайян карда шуд.

Мувофиқи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» истилоҳоту мафҳумҳои дар моддаҳои гуногуни лоиҳа истифодашаванда бо ҳам мутобиқ карда шуданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва пешниҳодҳои қабулгардида, ки бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мувофиқа карда шуданд, матни лоиҳаи қонун аз лиҳози услуби баён ва таҳрири забониву ҳуқуқӣ такмил ва ислоҳҳо ишора карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» шурӯъ менамоем. Сухан ба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Гулбаҳор НАЗИРӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар мувофиқа таҳия гардида, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсади пешниҳоди лоиҳаи қонун ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон - меросхӯрони қонунии пасандоздорон, инчунин бештар намудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тибқи қисми 14 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», шахсе, ки ҳуқуқи пасандоздорро барои пасандозҳо баъди фаро расидани ҳолати суғуртавӣ соҳиб шудааст, ба гирифтани ҷубронпулӣ ҳуқуқ надорад. Меъёри мазкур барои пардохти ҷубронпулӣ ба меросхӯрони қонунии пасандоздорони фавтида мушкилӣ ба миён овардааст, ки дар натиҷа муроҷиатҳои зиёди онҳо беқаноат гузошта шудаанд.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур, ҳуқуқи шахси воқеӣ – меросхӯрро баъди фарорасии ҳолати суғуртавӣ барои гирифтани ҷубронпулии Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ таъмин менамояд.

Таҳлили қонунгузории кишварҳои алоҳида (Федератсияи Россия, Беларус, Қазоқистон) оид ба ин масъала нишон дод, ки меросхӯр ҳуқуқ дорад аз лаҳзаи гирифтани шаҳодатномаи дахлдор оид ба ҳуқуқи мерос ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи ӯ ба мерос ё ҳуқуқи ихтиёрдории маблағҳои пулии васияткунанда, аз ҳуқуқи пасандозгузори фавтида барои гирифтани ҷубронпулӣ истифода намояд.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти таҷрибаи дар кишварҳои алоҳида маъмул, ба лоиҳаи қонуни мазкур, дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» қисми 14 дар таҳрири нав баён кардашуда, қисми 15 илова карда мешавад.

Мутобиқи лоиҳаи таҳрири нави қисми 14 моддаи 22, ҳамчун истисно танҳо ба шахси воқеие, ки баъди фарорасии ҳолати суғуртавӣ ҳуқуқи талаб кардани пасандози аз рӯи он ба пасандоздор ҷубронпулии пардохтнагардидаро бо тартиби мерос соҳиб шудааст, аз лаҳзаи додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи ӯ ба мерос ё истифодаи маблағҳои пулии меросгузор, ҳуқуқи гирифтани ҷубронпулӣ аз рӯи чунин пасандоз муқаррар карда мешавад.

Дар қисми 15 тартиб ва қоидаҳои пардохти ҷубронпулӣ ҳангоми бо тартиби мерос ба якчанд шахс гузаштани ҳуқуқи талаб кардани пасандоз, ҳамзамон пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи чунин пасандоз ва дигар пасандозҳои меросхӯрон танзим карда шудааст.

Инчунин, бо мақсади қувваи бозгашт доштани тағйиру иловаҳои таҳияшуда ба ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, ки дар раванди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарор доранд, дар лоиҳаи қонуни мазкур меъёри махсус оиди аз 1 январи соли 2021 мавриди амал қарор дода шудани он пешбинӣ карда шудааст.

Лоиҳаи қонун дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, бо дарназардошти пешниҳоди шумо, вакилони муҳтарам, мукаммал гардид.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар амал истифода бурдани қисми 14 моддаи 22 қонуни мазкур ва равшану возеҳ шарҳ дода нашудани он барои пардохти ҷубронпулӣ ба меросхӯрони қонунии пасандоздорон мушкилӣ ба миён меорад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур имкон медиҳад, ки аз ҷониби хазина ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорон ва меросхӯрони қонунии онҳо ҳимоя гарданд.

Ҳамчунин, он барои бартараф кардани норозигӣ ва шиддати иҷтимоӣ байни аҳолӣ бо роҳи пурра ва сари вақт пардохт кардани ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳо ва ба ин васила таъмин намудани сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат нигаронида шудааст.

Дар доираи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» дар таҳрири нав, қисми 15 илова гардида, ҳуқуқи меросхӯрро ба гирифтани ҷубронпулии суғуртавии ба пасандоздор пардохтнашуда пешбинӣ менамояд.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳои пешниҳоднамуда ҷонибдорӣ намуда, 21 таклиф пешниҳод карданд, ки аз онҳо 12-тоаш қабул, 1-тоаш қисман қабул ва 8-тоаш қабул нагардид.

Пешниҳодҳои қабулгардида дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонун ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» шурӯъ менамоем. Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Солеҳа Холмаҳмадзода дода мешавад. Марҳамат.

**Солеҳа ХОЛМАҲМАДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» бо мақсади мутобиқ гардонидани меъёрҳои қонуни мазкур ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Холмаҳмадзода, П. Шодизода, Р. Бобоҷониён ва П. Маликзод пешниҳод гардидааст.

Он бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2022 таҳти №1259 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати такмилаш 38 пешниҳод манзур доштанд, ки аз онҳо 25-то қабул, 2-то қисман қабул ва 5 пешниҳоди дигар қабул нагардид.



Вобаста ба тағйироти пешниҳодгардида ҷиҳати мукаммал ва мутобиқ гардонидани меъёрҳои қонуни мазкур ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба зиёда аз ҳашт моддаи қонуни амалкунанда, аз ҷумла, моддаҳои 1, 2, 3, 4, 6, 13, 14 ва 17 тағйироту илова пешниҳод карда шудааст.

Тибқи тағйироти пешниҳодшуда муқаддимаи қонун дар таҳрири нав ифода гардида, ҳамзамон ба қонуни амалкунанда моддаи нав, яъне моддаи $3^1$ илова карда шудааст, ки он танзимкунандаи «Принсипҳои асосии таъмини кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» мебошад.

Дар дигар мавридҳо низ тағйироти пешбининамуда хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи имло, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, мутобиқгардонии меъёрҳои моддаҳои зикргардида ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона карда шудаанд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба талаботи моддаҳои 5, 17, 33, 34 ва 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби панҷуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ) мутобиқ буда, амалишавии он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Ба ҳамаи шумо, вакилони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ, барои иштироки фаъолона изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

---

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# КОНСТИТУТСИЯ БОЯД КИТОБИ РӮИМИЗӢ БОШАД

(Идома аз саҳ. 1)

Баъдан, бо мақсади ҷалби васеи шаҳрвандон дар муҳокима ва қабули ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз рӯзи раъйпурсӣ 6 ноябри соли 1994 муайян карда шуд.

6 ноябри соли 1994 халқи Тоҷикистон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуд, ки он дар рушди давлатдории тоҷикон саҳифаи навро кушод, - изҳор дошт номбурда.

- Дар маҷмӯъ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сиёсию ҳуқуқӣ барои эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона хизмати босазо намуда, имкон медиҳад, ки рушди минбаъдаи он пурра таъмин карда шавад. Барои ин зарур аст, ки Конститутсия китоби рӯимизии ҳар як хизматчии давлатӣ, шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ва донистану риояи он қарзи шаҳрвандӣ эътироф гардад, - таъкид кард Маҳмадалӣ Ватанзода.

Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мавлудахон Мирзозода изҳор дошт, ки бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар кишвар ғояҳои гуманистӣ рӯ ба инкишоф ниҳода, аз рӯзҳои аввали роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ расман эътироф ва эълон шуд.

Номбурда меъёрҳои инсонпарваронаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тафсир карда, бо иқтибос аз як банди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (соли 1948)-«Тамоми одамон озод ба дунё меоянд ва аз лиҳози манзалат ва ҳуқуқ бо ҳам баробаранд» ва «ҳар фард ба зиндагӣ, ба озодӣ ва ба дахлнопазирии шахсӣ ҳуқуқ дорад», гуфт, ин принсип дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтааст.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Сарвиноз Маҷидзода дар мавзӯи ‹‹Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди парламентаризми кишвар›› маърӯза кард.

Бино ба гуфти ӯ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми парламентро мушаххас ва ҳамаҷониба муқаррар сохт. Аввалин бор дар таърихи кишвар таҷзияи ҳокимият дар сатҳи Конститутсияи мамлакат эътироф гардид. 26-уми феврали соли 1995 интихобот ба даъвати якуми Маҷлиси Олӣ баргузор гардида, парламенти даврони Тоҷикистони соҳибистиқлол ба фаъолият шурӯъ намуд. Даъвати якуми Маҷлиси Олӣ соли 1999 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъсиси парламенти дупалата замина гузошт.

- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабули ин ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсозро яке аз дастовардҳои бузурги истиқлолияти давлатӣ арзёбӣ карда, иброз намуданд: «Қабули Конститутсия дар таърихи навини кишвари мо аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳимтарини сиёсие мебошад, ки арзиш ва аҳамияти он бо гузашти замон бештар мегардад».

- Роҳи таърихии рушди парламентаризм дар кишвар ва мазмуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии он гувоҳ аст, ки давлати тозаистиқлоли мо тавассути парлумони касбӣ дар асоси дастовардҳои навини арзишҳои башарӣ, ба сӯи давлати табиатан миллӣ, шаклан ҷумҳуриявӣ ва усулан демократӣ рӯ овардааст, ки дар паҳнои он арзишҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо ҳадафҳои неки халқи тоҷик ба ҳам омадаанд,- хулоса кард номбурда.

Мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Фирӯз Сайнозимзода дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-таҳкимбахши сиёсати давлатии ҷавонон» баромад кард. Номбурда, минҷумла, изҳор намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавононро таҳким бахшида, иштироки фаъолонаи онҳоро дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол таъмин кард.

- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба неруи созанда, тобовару устувор ва пешбарандаи ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, пайваста ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чораҳои муассир меандешанд.

Конститутсияи Тоҷикистон ба ҷавонони кишвар, ки синнашон ба 18 расидааст, ҳуқуқ додааст, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ иштирок кунанд. Масалан, моддаи 27-уми Конститутсия ба шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро додааст.

Дар робита ба ин, моддаи 2-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» муқаррар намудааст, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рӯзи интихобот синнашон ба 18 расидааст, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро доранд, - зикр кард номбурда.

Бино ба гуфти ӯ, ҷиҳати амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ 22 майи соли 2016 ба моддаҳои 49 ва 65-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд, ки ба ин васила ба ҷавонон шароиту имкониятҳои муносиб фароҳам оварда шуд, ки дар интихобот ба мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва идоракунии давлатӣ фаъолона иштирок намоянд. Аз ҷумла, Конститутсия барои интихоб гардидан ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон синни 30-ро муқаррар намуд.

Гузашта аз ин, Конститутсияи мамлакат барои интихоб ё таъин шудан ба вазифаи судяи Суди конститутсионӣ, судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе синни 30 ва барои таъин шудан ба вазифаи судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбӣ, судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе бошад, синни 25-ро муқаррар кардааст.

Чорабинии тантанавиро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷамъбаст намуд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# ИШТИРОКИ ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР ҶАЛАСАИ КОМИССИЯҲОИ АП СААД

**Дуюми ноябри соли 2022 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавлуда Мирзозода дар кори ҷаласаи нақшавии комиссияҳои доимии Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба масоили сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ, ки дар шаҳри Еревани Ҷумҳурии Арманистон, аз тариқи фосилавӣ баргузор гардид, иштирок намуд.**



Дар он масъалаҳо «Дар бораи самтҳои афзалиятноки раёсати Ҷумҳурии Беларус дар Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар соли 2023», «Дар бораи натиҷаҳои кори ҷаласаи 22-юми зимистонаи Ассамблеяи парлумонии Созмони амният ва ҳамкории Аврупо (феврали соли 2023, Вена)», «Дар бораи ҳуҷҷатҳои парлумонҳои кишварҳои аъзои СААД, ки аз ҷониби Ассамблеяи парлумонии СААД ворид шудаанд» ва «Дар бораи рӯз ва ҷои гузаронидани маҷлиси навбатии комиссия ва рӯзномаи муваққатӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Таъкид шуд, ки фаъолияти дастаҷамъона ва мубодилаи таҷриба барои таъмини амнияту оромӣ дар минтақа омили асосӣ ба ҳисоб меравад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# КОНСТИТУТСИЯ. АЗ МАРҲИЛАИ ТАҲИЯ ТО ЗАРУРАТИ ВОРИДНАМОИИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО

**Дар матолибу гузоришҳое, ки бахшида ба Рӯзи Конститутсияи мамлакат нашр ва пахш мешавад, аксарият умумигӯӣ карда, моҳияти бахтномаи миллат таври бояду шояд бозгӯӣ намегардад. Масалан, чун сухан дар бораи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1999, 2003 ва 2016 воридшуда равад, бо он иктифо мекунанд, ки онҳо моҳияти мушаххаснамоӣ ва дақиқкунанда доранд.**

Эътироф бояд кард, ки дар бораи ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия назарҳо яксон нест. Бинобар ин, ба мардум бояд муфассал шарҳ диҳем, ки иқдоми тавассути раъйпурсии умумихалқӣ амалигардида муҳиму саривақтӣ ва пурмоҳият буда, самараи он дар ҳама бахшҳо намоён аст. Зарурияти ин амал дар шароите ки баъзе ба ном «коршиносон» (аслан тӯтии нотавонбинони давлату миллат) моҳияту мақсади тағйиру иловаҳоро таҳриф намуданиянд, рӯзафзун аст.

Инсон мавҷуди фаъол буда, офарандаи тамоми арзишҳои ҳаётӣ ба шумор рафта, эҷодгари санади меъёрии ҳуқуқӣ низ мебошад. Пажӯҳиши масъала собит намуд, ки то ҳол меъёру санаде таҳия нагаштааст, ки барои ҳама давру замон яксон, хос ва қобили қабул бошад.

Дар робита ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5-уми ноябри соли 2014, зимни суханронӣ дар таҷлили 20-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид карданд: «Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқӣ догма нест. Бо дарназардошти ин, дар давраҳои мухталиф бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонуни асосӣ ислоҳоти ҳуқуқӣ дар мамлакат идома ёфта, дар баробари як силсила навовариҳо, барои танзими муносибатҳои сифатан наве, ки ба рушди давлатдории миллӣ робитаи мустақим доштанд, заминаи муҳими ҳуқуқӣ гузошта шуд».

Аз Шавкат Исмоилов, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ходими шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2001-2005) оид ба марҳилаи аввали таҳияи Конститутсия пурсон шудем. Бино ба гуфти номбурда, дар саргаҳи ин иқдом Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доштанд. Ин раванд, ки баъд аз Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид, ба давраи бисёр нооромии ҷамъиятиву сиёсӣ рост омад.

- Бо қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сентябри соли 1993 гурӯҳи кории таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис ёфта, муовини якуми Раиси Шӯрои Олӣ А. Достиев, ман, ки он замон вазири адлия будам, Т. Азизова – мудири шуъбаи ҳуқуқи Шӯрои Олӣ, З. Алиев – раиси Кумитаи назорати конститутсионӣ, Р.Мӯсоева - раиси Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллии Шӯрои Олӣ, К. Раҳимов - директори Институти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва равобити байналмилалии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, С. Раҳмонов – муовини раиси Суди Олӣ, С. Раҷабов – раиси Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Шӯрои Олӣ, Ш. Рустамов - мудири шуъбаи Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Х. Ҳомидов - муовини якуми вазири адлия ва прокурори генералии ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ ба ҳайати он шомил шудем, - гуфт номбурда.

Ҷоиз ба зикр аст, ки дар раванди таҳия ва баррасии лоиҳаи Конститутсияи кишвар шаҳрвандон низ фаъолона иштирок карда, ба гурӯҳи корӣ фикру пешниҳодҳо манзур намуданд. Ҳамчунин, таҷрибаи давлатҳои гуногуни ҷаҳон омӯхта, истифода шуданд. 13-уми апрели соли 1993 лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, баъд аз баррасии шаҳрвандон 6-уми ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид.

Оид ба зарурати вориднамоии тағйиру иловаҳо ба ин ҳуҷҷати муҳим ҳамсуҳбатам ба он назар аст, ки ин ибтикор боис гардид, ки мазмуну муҳтавои низоми ҳуқуқии кишвар такмил ва асосҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии он таҳким ёбад. Соли 1999 тағйиру иловаҳо моҳияти мазмуниву меъёрӣ ва ҳуқуқиву ташкилӣ касб карда буданд. Аз ҷумла, дар даҳ қисм ба муқаррароти Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид шуд. Дар заминаи тағйиру иловаҳои мазкур бори нахуст парламенти думаҷлиса таъсис ёфт. Ҳамчунин, тартиби интихоб, дахлнопазирӣ, доираи салоҳияти палатаи поёнӣ, яъне Маҷлиси намояндагон ва палатаи болоӣ - Маҷлиси миллӣ мушаххас таснифбандӣ гардида, заминаи ҳуқуқӣ барои самаранокии фаъолияти якҷоя ва ҷудогонаи онҳо фароҳам шуд. Муҳлати ваколати Президенти кишвар аз 5 ба 7 сол афзуда, доираи салоҳиятҳои Сарвари давлат аз 26 ба 30 расид.

Дар баробари ин, ба Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дода шуд. Илова бар ин, муҳлати ваколати судяҳо аз 5 ба 10 сол, инчунин механизми ба вазифа таъин гардидани онҳо мушаххасан пешбинӣ гардид, ки ин меъёр ба таъмини беш аз пеши адолати судӣ мусоидат намуд.




Такмил ёфтани тартиби таъин ва гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ, ки ифодаи иродаи халқ маҳсуб мегардад, ҷузъе аз ин тағйиру иловаҳо мебошад.

Тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар маротибаи дуюм, яъне 22-юми июни соли 2003, ба мукаммал ва мустаҳкам намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ, бо назардошти унсурҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ равона гардиданд.

Аз ҷумла, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардида (дар моддаи 5), моҳияти интихобот ва раъйпурсӣ ба сифати ифодаи олии ҳокимияти халқ таҳким бахшида шуд. Дар моддаи 8 ҳизбҳои сиёсӣ чун унсури низоми сиёсӣ шинохта шуда, дар моддаи 14 ҳифзу татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд такмилу тавсеа ёфт.

Дар сатҳи Конститутсия (моддаи 38) вазифаи давлат оид ба ҳифзи муҳити зист, инкишофи варзиши оммавӣ ва сайёҳӣ мушаххас гардида, ҳуқуқи шахс ба таҳсили умумии асосии ройгон дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ, касбӣ, касбии миёна ва олӣ устувор карда шуд. Дар заминаи тағйироти зикршуда 25 -сола будан ва таҳсилоти олӣ доштан барои интихоб шудан ба вакилии Маҷлиси намояндагон, 35 - солагӣ ва доштани таҳсилоти олӣ барои узви Маҷлиси миллӣ муқаррар гардида, асосҳои қатъи ваколатҳои аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя ва дар алоҳидагӣ танзим шуданд.

Ба шарофати ин тағйиру иловаҳо салоҳиятҳои Президент мушаххастар гардида, муҳлати ваколати маҷлиси вакилони халқ 5 сол муқаррар шуд. Тағйиру иловаҳои 22-юми майи соли 2016 воридгардида меъёрҳоеро пешбинӣ намуданд, ки имконияти баробари ҳуқуқиро ба намояндагони се шохаи ҳокимияти давлатӣ таъмин намуда, талаботи ягонаро барои ишғоли мансабҳо ва мақоми онҳо муқаррар кард. Аз ҷумла, барои шахсоне, ки ба сифати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, аъзои Ҳукумати кишвар ва судя интихоб ё таъин мешаванд, ин доштани танҳо як шаҳрвандӣ, яъне шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳатмӣ мебошад. Тағйироти пешниҳодшуда ба моддаҳои 49, 65, 73, 85 ва 89 ба ҳамин масъала рабт дорад.

Ҷорӣ намудани талаботи ягона ба шахсоне, ки дар се шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ фаъолият менамоянд, бениҳоят муҳим буда, мувофиқи ин талабот шахсоне, ки душаҳрвандӣ ё шаҳрвандии дигар давлатро доро мебошанд, дар вазифаҳои пурмасъулият интихоб ё таъин шуда наметавонанд. Шахсе, ки баъд аз интихоб ё таъин шудан ба ин вазифаҳо шаҳрвандии дигар давлатро соҳиб шуда бошад, ин ҳолат боиси аз вазифа рафтани ӯ мегардад. Талаботи дигаре, ки ба хотири таъмин намудани дастрасии баробар барои ишғоли мансабҳо ва мақоми дар боло зикргардида ироа шудааст, ин талаботи синнусолӣ нисбати чунин шахсон мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки мувофиқи муқаррароти Конститутсияи то соли 2016 амалкунанда талаботи синнусолӣ нисбат ба онҳо гуногун - барои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 35-солагӣ, узви Маҷлиси миллӣ 35-солагӣ, вакили Маҷлиси намояндагон 25-солагӣ, судяи судҳои болоӣ 30-солагӣ пешбинӣ шуда буд. Дар асоси тағйиру иловаҳои воридшуда талаботи синнусолӣ барои ҳар се шохаи ҳокимияти давлатӣ якхела, яъне на камтар аз 30-солагӣ, муқаррар гардид.

Конститутсияи то он вақт амалкунанда савгандёдкуниро барои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз шурӯи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ҳамзамон савгандёдкунии судяҳоро муқаррар карда буд. Мувофиқи тағйиру иловаҳои соли 2016 ба моддаҳои 49, 73, 85 ва 89 воридгардида барои намояндагони ҳар се шохаи ҳокимияти давлатӣ ёд кардани савганди садоқат дар сатҳи конститутсионӣ талаботи якхела ҷорӣ гардид.

То соли 2016 Конститутсия қабули қонуни конститутсиониро оид ба тарзи ташкил, фаъолият, ваколатҳо, вазъи ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати кишвар ва судҳо пешбинӣ намудааст. Аммо оид ба санаде, ки таъмини фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим медарорад, дар Конститутсия муқаррарот вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, иловаи ба моддаи 71 пешниҳодшуда қабули қонуни конститутсиониро оид ба танзими таъмини фаъолияти Президент муқаррар намуд.

Мувофиқи тағйироти ба моддаи 78 воридшуда меъёри намояндаи Президент будани раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия аз Конститутсия хориҷ гардид. Бояд зикр намуд, ки мансаби раиси вилоят, шаҳр, ноҳия мансабҳои алоҳида мебошанд ва тибқи қонун, салоҳияту ваколатҳои мушаххаси худро доранд.

Ҳамсуҳбатам зимни шарҳи моҳияти ин ҷузъи тағйиру иловаҳо минҷумла гуфт, ки ҳамчун мансаби алоҳида ин шахсон аз ҷониби Президент таъин ва озод карда мешаванд, дар назди Президент ва мақомоти болоии худ, маҷлисҳои вакилони халқи дахлдор масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошанд. Чунин хусусияти ин мансабҳо тақозо менамояд, ки нисбат ба онҳо меъёри намояндаи Президент истифода бурда нашавад. Аз ин рӯ, ин пешниҳод низ ба таҳкими ҳокимияти иҷроия, махсусан мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, равона карда шудааст.

Тағйиру иловаҳои мавриди назар ба густариш додани мустақилияти судяҳо ва амалисозии ислоҳоти сохтории ин мақомот низ мусоидат намуд. Дар ин замина, Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисор шуда, масъалаҳои ба салоҳияти ин сохтор дахлдошта дар доираи меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳаллу фасл шуд. Ҷоиз ба зикр аст, ки таъсиси Шӯрои адлия дар гузашта тақозои замон буда, қадами аввалин дар самти таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ ба ҳисоб мерафт, ки вазифаи асосии он аз ташкили кори судҳо ва таъминоти моддию техникии онҳо иборат буд. Вале таҷриба нишон дод, ки мавҷуд будани Шӯрои адлия аз тарафи дигар ба судяҳо дутобеиятиро ба миён овардааст.

Шавкат Исмоилов таъкид кард, ки такмили луғавию маъноии Конститутсия имкон фароҳам овард, ки матлаб дақиқтару фаҳмотар баён шавад. Ин омил дар иваз намудани калимаҳои «марзиву маъмурӣ» бо калимаҳои «маъмурию ҳудудӣ», иваз намудани калимаи «Ташкилотҳои» бо калимаи «Иттиҳодияҳои», аз матн хориҷ намудани калимаи «Сарқонун» ва истифодаи васеи вожаи «Конститутсия» ҳамчун вожаи байналмилалии аз тарафи умум эътирофшуда ва ғайра зоҳир мегардад.

Барои мисол, мафҳуми «Конститутсия» нисбат ба «Сарқонун» маънии васеъ дошта, он на танҳо ба маънии санади меъёрии ҳуқуқӣ, балки ҳамчун ҳуҷҷати дорои аҳамияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, яъне ҳуҷҷати муайянкунандаи самтҳои ҷамъиятиву давлатӣ ва сиёсӣ мебошад, ки дар он масъалаҳои марбут ба ҳокимияти давлатӣ, асосҳои сохтори иқтисодию иҷтимоии ҷамъият, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, сохтор ва дигар масъалаҳои ҳаётан муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ муқаррар мешавад. Мафҳуми Сарқонун, ки то соли 2016 ҳамрадиф бо Конститутсия истифода мегардид, ин ҳамаро пурра ифода карда наметавонад.

Тағйироти ба қисми шашуми моддаи ҳаштум воридгардида, бо назардошти ҳаводиси дар ҷаҳони муосир бениҳоят муҳиму саривақтӣ аст. Тибқи он: «Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст». Моҳияти ин иқдом дар он зоҳир мегардад ки эътиқоди динӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ мафҳумҳои гуногун буда, мақсаду мароми онҳо аз якдигар ба куллӣ фарқ дорад. Эътиқоди динӣ бояд орӣ аз ғаразҳои сиёсӣ бошад. Дар акси ҳол, он ба бархӯрди манфиатҳои давлативу ҷамъиятӣ оварда мерасонад, ки оқибатҳои мудҳиши онро мо дар мисоли давлати хеш ва ҳодисаҳои охири олам шоҳидем.

- Ба касе пӯшида нест, ки баъзе аз ҳизбҳои сиёсӣ дар барномаҳояшон худро ватандӯст ва ободкор вонамуд карда, вале дар асл бо сарфи назар намудани манфиатҳои милливу давлатӣ «ба осиёби бегонагон об мерехтанд». Табиист, ки дар чунин ҳолат на манфиатҳои милливу давлатии мо, балки манфиат ва ғаразҳои нопоки бегонагон бартарӣ пайдо менамуд. Бинобар ин, манъи чунин ҳизбҳо, инчунин қатъ кардани маблағгузории ҳизбҳои қонунан фаъолияткунанда аз тарафи давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ барои таъмини манфиати амнияти давлату миллат бениҳоят муҳим аст, - таъкид кард номбурда.

Хулосаи ниҳоӣ ин аст, се маротиба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дар маҷмӯъ ба мукаммалтар гардидани меъёру муқаррароти он мусоидат намуда, барои ташаккули минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаи мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда, кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрвандро дар ҷумҳурӣ тақвият бахшид.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

# ТАЪМИНИ ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ БА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ИСТИФОДАИ ЗАМИН МУСОИДАТ МЕКУНАД

(Идома аз саҳ. 1)

Кодекси мазкур ва дар баробари он қонунҳои дигари ба ин соҳа алоқаманд муносибатҳои вобаста ба истифодаи заминро танзим намуда, барои истифодаи оқилонаю самаранок ва ҳифзи замин, ҳосилхезгардонии хок, ҳифзи муҳити зист ва рушди ҳама шакли хоҷагидорӣ шароити васеъро фароҳам овард.

- Умуман амалигардонии ислоҳоти замин имкон дод, ки иқтисодиёти гуногуншакл дар соҳа ташаккул ёфта, дар маҷмӯъ заминаи ҳуқуқии истифодаи захираҳои замин, гузаронидани барӯйхатгирии онҳо, ошкоркунии мунтазами заминҳои истифоданашуда ва ғайриоқилона истифодашаванда, додан ва вобастакунии қитъаҳои замин ва дигар масъалаҳо ҳал гардад, - гуфт Қодири Қосим.

Сипас, роҷеъ ба масъалаи мавриди назар муовини якуми раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримзода Азизмамад баромад кард.

- Фонди ягонаи давлатии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2022 майдони умумии 14 миллиону 137 ҳазору 907 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 763 ҳазор 930 гектараш заминҳои обӣ мебошанд. Бо мақсади пешгирӣ, ошкор, чораандешӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории замин аз ҷониби Кумитаи давлатӣ ва мақомоти он дар маҳал дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 10 ҳазору 122 ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории замин ошкор гардида, барои бартараф намудани ҳолатҳои ошкоргардида 8 900 дастур дода шуд. Нисбат ба 8 727 ҳолат парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 4 481 250 сомонӣ қарорҳои ҷаримабандӣ қабул карда шуд, ки аз ин 3 миллиону 563 ҳазору 738 сомонӣ (79,5%) ба суратҳисоби махсус ворид карда шудааст.

Барои додани баҳои ҳуқуқӣ 712 мавод ба прокуратура, 503 мавод барои бо таври маҷбурӣ ситонидани маблағи ҷаримаҳо ба Хадамоти иҷро ирсол карда шуда, 7 187 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин (71%), дар маҳал бартараф гардид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пешгирӣ ва тақсимоти ғайриқонунии замин бо мақсади истифодаи самараноку оқилонаи замин пурзӯр гардида, воридоти мактубҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34 адад кам гардиданд.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Файзулло Қосимӣ зимни баромад аз ҷумла ёдовар шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ нақши муҳими соҳаи кишоварзӣ ва ҷойгоҳи хоси онро дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат қайд намуда, таъкид доштанд, ки барои афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ дар заминаи истифодаи ҳаматарафаи иқтидорҳои соҳа бояд ислоҳоти замин ва дар маҷмӯъ, ислоҳоти аграрӣ гузаронида шавад. Соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқии муҳайё намудани шароит барои рушди баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар замин ва марҳилаҳои гузаронидани ислоҳоти заминро дар мамлакат муҳайё сохт. Бо қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996 таҳти № 522 «Дар бораи таҷдиди корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ» марҳилаи нави ислоҳоти замин ва соҳаи аграрӣ оғоз ёфт.Моҳи декабри соли 1996 қабул гардидани Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи нав барои танзими муносибатҳо вобаста ба истифодабарии замин ва молумулк асосҳои ҳуқуқии гузаронидани ислоҳоти бомуваффақияти заминро ба миён овард. Ҳамин тавр вакил мавзӯи ислоҳоти соҳаи кишоварзиро муфассал таҳлил кард.

Намояндагони Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Назаров ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Раҳимзода роҷеъ ба масъалаи мавриди баррасӣ муфассал баромад карданд.

Сипас, вакилони Маҷлиси намояндагон бо саволҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи истифодаи оқилонаи замин, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳбарону мутахассисони вазорату идораҳои марбута, ки дар суҳбати мизи мудаввар ҳозир буданд, саволҳо доданд.

Дар анҷом раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода аз ҷараёни чорабинӣ ва иштироки фаъоли аҳли нишаст миннатдорӣ баён карда, гуфт, ки боварӣ дорад суҳбати доиршуда баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба оқилонаю самаранок истифода бурдани замин мусоидат мекунад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин пешниҳод ва мулоҳизаҳои иштирокчиёнро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро дар таҷдид ва такмили қонунгузории соҳаи замин истифода хоҳад бурд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»,**
**Суратгир Н. АЛИЕВ**

# ТАНЗИМИ МАСЪАЛАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ - ҲУҚУҚӢ ДАР КОНСТИТУТСИЯ



**Файзалӣ ИДИЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ**

**Конститутсия дар таърихи ҳар як давлат санади муҳими ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Конститутсияро шиносномаи давлат низ меноманд, зеро дар ин санад номи давлат, сохти давлатдорӣ, рамзҳои давлатӣ ва низоми ҳуқуқии давлат муайян гардида, он сарчашмаи қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ба ибораи дигар, Конститутсия зербинои ҳуқуқии тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат ба ҳисоб рафта, маҳз тавассути он қонунгузории минбаъдаи давлатҳо ба роҳ монда шуда, татбиқи ин санад боиси мустаҳкамии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа мегардад.**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ ва санади олии ҳуқуқӣ инъикоскунандаи давлатдории қадиму навини тоҷикон ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Гарчанде Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи вазъи ноороми ҷамъиятиву сиёсӣ қабул гардида бошад ҳам, татбиқи меъёрҳои он дар тӯли 28 сол нишон медиҳад, ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятии муосири мамлакатро пурра ба танзим медарорад.

Зимни қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сокинони мамлакат бунёди ҷомеаи адолатпарвар, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ будан, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шуморида, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, дарки масъулият дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва ояндаро вазифаҳои худ қарор дода, ин санади муҳими давлатиро қабул ва эълон намуданд.

Баъд аз ба арсаи байналмилалӣ қадам ниҳодани давлати нав зарурати ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо давлатҳои дигар ва созмонҳои байналмилалӣ ба вуҷуд меояд, ки он тавассути санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба танзим дароварда мешавад. Пас аз эълон намудани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамкориҳоро бо давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монда, масъалаи аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровардани ин муносибатҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими худро ёфтааст. Масъалаҳои зерини санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтаанд:

- Самтҳо ё афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Моддаи 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои асосии сиёсати хориҷии мамлакат бахшида шудааст, ки муҳтавои онро дар амал татбиқ намудани сиёсати сулҳҷӯёна, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатҳои дигар, дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян намудани сиёсати хориҷӣ, манъи ташвиқоти ҷанг; вобаста ба манфиатҳои олии халқ ба иттиҳодияҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дохил шудан, бо кишварҳои хориҷӣ робита намудан ва ҳамкорӣ бо ҳамватанони бурунмарзӣ ташкил медиҳад.

- Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои шаҳрвандӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон бахшида шудаанд. Ба ин гуна меъёрҳо асосан талаботи моддаи 15, яъне мутобиқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиб шудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мансубияти шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандии давлати дигар тибқи шартномаҳои байналмилалӣ; талаботи моддаи 16, яъне дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат қарор доштани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва насупоридани шаҳрванд ба давлати хориҷӣ ва ғайраҳо мансуб мебошанд.

- Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таносуби санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро бо қонунҳои ҷумҳурӣ муайян намудаанд. Ба масъалаи мазкур моддаи 10-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки тибқи он: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд».

- Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки салоҳияти мақомоти давлатиро дар бахши амалӣ кардани функсияҳои берунаи давлат муқаррар намудаанд. Масъалаи мазкурро моддаи 55 (Салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), моддаи 57 (Салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), моддаи 69 (Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба танзим медароранд, ки бандҳои ҷудогонаи ин моддаҳо ба фаъолияти мақомоти номбаршуда дар самти сиёсати хориҷии кишвар бахшида шудаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дилхоҳ Конститутсия наметавонад тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро пурра ба танзим дароварад. Баъзе аз масъалаҳои марбут ба муносибатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба танзим дароварда нашудаанд, бо қонунҳои соҳавии дигар, ҳамчунин санадҳои зерқонунӣ танзим мегарданд.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ, салоҳияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, доираи амал, инчунин вазъи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии кишварро муайян ва ба танзим даровардааст. Маҳз мавҷудияти Конститутсия, амалишавии меъёрҳои он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат боиси он гардидааст, ки уҳдадориҳои байналмилалии кишварамон сарбаландона иҷро гардида, эътибори байналмилалии давлатамон сол ба сол баланд рафта, ташаббусҳои дар арсаи байналмилалӣ пешниҳоднамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирии ҳамаҷониба ёбад.

# ТАҶРИБАИ НАХУСТИН ДАР ТАЪРИХИ РУШДИ КОНСТИТУТСИОНИИ КИШВАР

**Бахтиёр АҲМАДЗОДА,**
**муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия**



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали фаъолияташон ҷонибдори бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол буданд. Чунончӣ, Сардори давлат дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муроҷиатнома ба мардуми кишвар таъкид карда буданд, ки «асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав - давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст». Ин таъкиди Пешвои миллат баъдан дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфт. Мувофиқи моддаи 1- уми он Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардида, тибқи моддаи 6-уми он халқ баёнгари ҳокимияти ягона дар ҷумҳурӣ эътироф шуд.**

Вақте мо ба таърихи пешрафти кишварҳои мутараққӣ назар мекунем, мебинем, ки эҳтирому риояи қонун яке аз омилҳои асосии рушди онҳост. Дар он кишварҳое, ки қонун риоя намешавад, бесуботию бесарусомонӣ, ноором ию фасод ва ақибмондагӣ ба назар мерасад. Ин таҷрибаи талхро сокинони кишварамон оғози солҳои навадуми асри XX аз сар гузаронидаанд. Тавре Сардори давлат иброз доштанд: «...бесарусомонии солҳои 1990-1992 бамиёномада, аз ҷумла беэътиноӣ ба Конститутсияи амалкунанда ва танҳо дар давоми як сол, яъне соли 1992 аз ҷониби Шӯрои Олӣ ба Конститутсияи Тоҷикистон 10 маротиба ворид намудани тағйиру иловаҳо, ғайриконститутсионӣ барканор кардани ду Президент ва 5 ҳукумат, ки оқибат мамлакатро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ тела доданд, шахсан барои ман сабақи таърихӣ буд. Бинобар ин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми назорати конститутсионӣ дар шакли махсусгардонидашуда – Суди конститутсионӣ пешбинӣ гардид ва санадҳои қабулнамудаи он қатъӣ эътироф карда шуданд».

Тибқи моддаҳои 98, 99 ва 100-уми боби 10-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минбаъд тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи мамлакат танҳо бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад ва ягон ҳизби сиёсӣ ё гурӯҳи одамон бо роҳи зӯрию фишор ҳақ надоранд, ки ба он тағйиру иловаҳо ворид кунанд.

Таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он давраи душвор кори осон набуд. Зеро он айём таъсири мафкураву арзишҳои даврони шӯравӣ ҳанӯз қавӣ буд ва дарки арзишҳои нави ҷомеа, ба монанди гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, шаклҳои гуногуни моликият, иқтисоди бозорӣ, соҳибкорӣ ва ғайра хеле дарднок ва бо душворӣ қабул мешуд.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 25- умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд: «Дар давоми зиёда аз ду моҳи муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия ба Шӯрои Олӣ зиёда аз 8500 пешниҳод ворид гардид. Бо дарназардошти он ки дар муҳокимаи ин санади таърихӣ доираи васеи мардум иштирок карда, фикру андешаҳои худро фаъолона иброз намуданд, лоиҳаи Конститутсия танҳо баъди ба эътибор гирифтани пешниҳодҳои мардум такмил дода, ба раъйпурсии умумихалқӣ бароварда шуд ва қонуни асосии мо воқеан ҳам ба Конститутсияи халқӣ мубаддал гардид».

Тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи рушди конститутсионии кишварамон таҷрибаи нодир ва нахустин буд. Ин нуктаро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: «Рӯзи 6-уми ноябри соли 1994 дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаи бузург ба вуқӯъ пайваст. Халқи тоҷик дар таърихи беш аз ҳазорсолаи давлатдориаш бори аввал Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул кард. Иштироки фаъолонаи шаҳрвандони тамоми ҷумҳурӣ дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ яке аз дастовардҳои бузург ва пирӯзии демократия дар Тоҷикистон мебошад».

Бо гузашти 28 сол аз қабули ин санади бунёдии давлати соҳибистиқлоламон баръало мушоҳида мешавад, ки дар заминаи он дар ҷомеа сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, рушди устувору босуръати ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, зиндагии осудаи шаҳрвандон, бовару умеди онҳо ба ояндаи дурахшон ва нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ таъмин гардид.

# КОНСТИТУТСИЯ ВА ПОЙДОРИИ КИШВАР



**Пас аз ба даст овардани озодии сиёсӣ дар оғози солҳои навади асри XX ба рӯзгори мо муносибатҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ба монанди гуногунандешӣ, гуногунҳизбӣ, ошкорбаёнӣ, иқтисодиёти бозаргонӣ, мардумӣ будани ҳокимияти давлатӣ, рӯи кор омада, боис ба дигаргунии фазои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар шуданд. Чунин падидаву муносибатҳо ба қонунҳо ва зисту зиндагии онрӯзаи мардуми Тоҷикистон созгор набуданд.**

Ҷиҳати қонунӣ кардани ин муносибатҳо ва рушд бахшидани равандҳои демократӣ, ба монанди ҳуқуқбунёдиву дунявӣ, мардумӣ будани ҳокимият ва ба шохаҳо таҷзия гаштани он, гуногунандешии сиёсӣ, арзиши олӣ шинохта гардидани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, гуногунии моликият, махсусан шинохти дороиҳои хусусӣ ва озодона гардиш кардани он, рушди иқтисоди бозаргонӣ зарурати роҳандозии чандин тадбирҳо ба миён омад. Яке аз чунин тадбирҳо дигар кардани санадҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятию давлатӣ, аз ҷумла Конститутсияи кишвар, буд, зеро бидуни дигар намудани санадҳои онвақта, таҳияву пазируфтани қонунҳои нави созгор ба талаботи ҷомеаи озод, эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дархӯри манофеи кишвар пешбурди корҳои давлативу ҷамъиятӣ номумкин буд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати омода намудани тарҳи нави Конститутсияи кишвар бо ҷалби коршиносони шинохтаи соҳаҳои гуногуни ҷомеа, хоса ҳуқуқшиносони варзида бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сентябри соли 1993 гурӯҳи корӣ таъсис ёфт.

Тарҳи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз муҳокимаҳои мардумӣ 6-уми ноябри соли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ пазируфта шуд. Пас аз он қонунҳои қабулмешуда тадриҷан ва бо назардошти Конститутсияи нав ба ин муносибатҳои ҷаҳони пешрафт созгор карда шуданд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 қабул гардид ва ҳолати онрӯзаи кишвар на танҳо ба шаҳрвандони Тоҷикистон, балки ба ҷаҳониён равшан буд. Дар кишвар ҷанги шадид миёни неруҳои ҳукуматӣ ва мухолифин идома дошт ва дар чунин шароит пазируфтани санади асосӣ, албатта, аз камбудиҳои ҷузъӣ, ба монанди гуногунии вожаву ибораҳо, холӣ буда наметавонад, ҳарчанд аз тарафи донишмандони соҳа ва коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ Конститутсия аз нигоҳи сохтор, мундариҷа ва мазмуну моҳият баҳои баланд гирифт.

Бояд гуфт, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ босуръат рушд меёбад ва зуд-зуд тағйир ёфта, дигаргун мешавад. Ин рушду дигаргуниҳо ба зиндагии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуму мамлакати мо низ бетаъсир буда наметавонад. Вобаста ба ин, санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла Конститутсия, бояд ба чунин дигаргуниҳо созгор бошанд. Аз ин рӯ, солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

Дигаргуниҳое, ки 16-уми майи соли 2016 ворид карда шуданд, барои устувории сохтори давлативу ҷамъиятӣ, рушди мардумсолорӣ, нигоҳбонии марзу бум, оромиву осоиш, пуштибонӣ аз манфиатҳои кишвар, пешгирии қонуншиканӣ равона карда шудаанд. Нораво донистани созмони ҳизбҳои дорои хусусияти динию миллӣ низ ба ҳамин вобаста аст. Ҳизбҳои динӣ ва миллӣ хеле ҳассосанд ва метавонанд ба ҳар кишвару мардум боис ба паёмадҳои ногувор шаванд. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ гувоҳи ин гуна паёмадҳои даҳшатбори ҳизбу ҳаракатҳои диниву миллӣ мебошад. Инчунин, ҳастии чунин ҳизбҳо ба моҳияти мардумсолориву дунявии давлату ҷомеа созгору посухгӯ нест. Мо паёмадҳои даҳшатбори ташкилоти террористии ҳизби наҳзати исломро дидем ва намегузорем, ки чунин ҳизбҳо боздорандаи рушду нумӯ дар ҷомеаи мо арзи ҳастӣ кунанд.

Яке аз тағйироти асосӣ ба Конститутсия ин ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат паҳн нагардидани маҳдудият ҷиҳати пешбарӣ ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Моҳи декабри соли 2015 бо дархости мардум ва пешниҳоди намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» пазируфта шуд ва пасон дар асоси дигаргуниҳои соли 2016 ба Конститутсияи кишвар дар таҳрири нав бо номи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» қабулу ҷонибдорӣ гашт, алъон мавриди амал қарор дорад.

Бояд ёдовар шуд, ки сарварони неку созанда дар бисёр кишварҳо асосан дар давраҳои ҳассосу пуртазод ё буҳронӣ рӯи кор меоянд. Мо намунаи ин гуфтаҳоро дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон низ мебинем.

Имрӯз мо тоҷикро як мардуми озод ва Тоҷикистонро як кишвари обод мебинем. Барои зинда кардани ҳастиву забони мардуми худ, бавижа номи абармардони фарҳангу сиёсат, хизматҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир аст. Дар нахустбаромадашон ба сифати Сарвари давлат дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, дар баробари бисёр масоили мубрам чунин иброз доштанд: «Мехоҳам Тоҷикистонро дар оянда давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию ягона бинам». Ин пешниҳод дар моддаи 1-уми Конститутсияи кишвар ва дигар моддаҳои он ҷойгоҳи худро пайдо кард. Хизматҳои бузург ва ислоҳоти густурдаи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ буд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ ба унвони Пешвои миллат соҳиб гардиданд. Дигаргуниҳои пазируфта ҷиҳати ба дастури навишти забони тоҷикӣ созгор кардани бархе вожаҳои Конститутсия, ба монанди иваз кардани «ҷиноӣ ба ҷиноят, ҳақ ба ҳуқуқ, ҷамъият ба ҷомеа, додан ба супоридан, марз ба ҳудуд» ва монанд ба инҳо ҷиҳати ба ҳам созгор намудани вожаҳо аз нигоҳи сохту мазмун дар Конститутсия дорои аҳамият мебошанд.

Инчунин 4-уми октябри соли 2011 аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» тасдиқ гардид. Бо мақсади мутобиқ кардани вожаву калимаҳои Конститутсия ба «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» ва истилоҳу ченаки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ ин дигаргуниҳо пазируфта шуданд.

Тағйирот ба Конститутсия боиси боз ҳам пешравию шукуфоӣ ва пойдории мамлакат ва фароҳамсозии зиндагии шоиста ба мардуми Тоҷикистон шуд.

Дар пешрафти ин кор саҳми намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони давлативу ғайридавлатӣ ва воситаҳои ахбори омма бузург мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахтномаи миллат, санади асосии муайянкунандаи сохти давлату давлатдорӣ, танзимкунандаи рӯзгори мардум ва иродаи мардуми шарифи Тоҷикистон аст.

**С. ШОНАЗАРОВ,**
**ҳуқуқшинос, Мушовири давлатии адлияи дараҷаи III**

# КОНСТИТУТСИЯ ВА МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Дар таърихи инсоният конститутсия таҳаввулоти ҷиддиро асос гузоштааст ва ҳама гуна дигаргуниҳои куллӣ дар пешрафти кишварҳо, музаффариятҳо дар ҷомеаи инсонӣ ифодаи қонуниро дар конститутсия ёфтааст.**

Дар ин раванд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истисно нест, зеро аввалин бор дар таърихи давлатдории тоҷикон Конститутсия аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. Тавре олими соҳаи ҳуқуқ М. А. Маҳмудов гуфтааст: «Он муайянкунандаи такдири имрӯзу фардои миллати куҳанбунёди мо маҳсуб ёфта, ба истиқлолияти давлатӣ эътибори ҳуқуқӣ бахшид ва дар ҷаҳон давлати тоҷиконро муаррифӣ намуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон буда, заминаи ҳуқуқии давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳангӣ - миллӣ мебошад».

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чор гурӯҳи меъёрҳо муқаррар шудааст, ки ифодагари робитаи низоми ҳуқуқии кишвар бо ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

**Якум.** Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад, вазифа ва принсипҳои сиёсати хориҷии давлатро дар худ мустаҳкам кардаанд, ки дар натиҷа фаъолияти давлат дар арсаи байналмилалӣ ва дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ мешаванд. Ба ин муқаррароти моддаи 11 мисол шуда метавонад, ки дар он чунин самтҳои сиёсати хориҷии кишвар муқаррар шудаанд: дар амал татбиқ гардидани сиёсати сулҳҷӯёна (банди 1 моддаи 11); эҳтиром намудани соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар кишварҳо (банди 1 моддаи 11); дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ - ҳуқуқӣ сиёсати хориҷиро муайян намудан (банди 1 моддаи 11); манъи ташвиқоти ҷанг (банди 2 моддаи 11); вобаста ба манфиатҳои олии халқи Тоҷикистон ба иттиҳодияҳо ва созмонҳои байналмилалӣ шомил гардидан (банди 3 моддаи 11); бо кишварҳои хориҷӣ робита барқарор кардан (банди 3 моддаи 11); ҳамкорӣ бо ҳамватанони бурунмарзӣ (банди 4 моддаи 11). Дар баробари ин, ба ин гурӯҳи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти дебоча (халқи Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шуморида, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор медиҳад), моддаҳои 7 (ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад), моддаи 8 (дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад) ва ғайра шомил мебошанд.

**Дуюм.** Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар худ ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро мустаҳкам кардаанд ва онҳо ба ҳайси предмети шартномаҳои байналмилалӣ баромад менамоянд.

**Сеюм.** Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо асоси таносуби низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқи кишвар муқаррар шудааст. Ба ин муқарраροти моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мисол шуда метавонад: «Санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд». Аз мазмуни моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду муқаррарот оид ба таносуби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо қонунҳои ҷумҳурӣ - пазироии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқи кишвар ва дар ҳолати мутобиқат накардани қонунҳои ҷумҳурӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бартарӣ ба амали меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дода мешавад, пешбинӣ шудааст ва истифодаи истилоҳи «санади ҳуқуқи байналмилалӣ» дар қонунгузории кишвар қабул шуд.



**Чорум.** Он меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар худ салоҳияти мақомоти давлатиро дар бахши амалӣ кардани функсияҳои берунаи давлат мустаҳкам кардаанд.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муайянкунанда ва муқарраркунандаи самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ, салоҳияти мақомоти давлатӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, таносуби қонунҳои ҷумҳурӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, тартиб ва тарзҳои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, ҳад ва ҳудуди амали тартиботи ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар баромад менамояд.

**Маҳмадёр РАҶАБЗОДА,**
**ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

# КОНСТИТУТСИЯ – ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки волотарин ва арзишмандтарин дастоварди давлатдорист, зарурати қабул кардани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён овард.**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷати сарнавиштсозу ифодагари азму ирода ва нияту орзуҳои неки халқи Тоҷикистон буда, дар марҳилаи хеле ҳассосу мураккаби сиёсии кишвар 6-уми ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Конститутсия заминаҳои ҳуқуқии давлат, дахлнопазирӣ ва якпорчагии он, манфиатҳои миллӣ, ҳадафҳои сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат, асосҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ва таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян сохта, муҳимтар аз ҳама, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ, халқро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф кард ва барои инкишофи минбаъдаи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ шароити созгор муҳайё намуд.

Инчунин, Конститутсия шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурии президентӣ муайян намуда, дар боби чорум вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар кард. Ин санади олии ҳуқуқии кишвар ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи бо Паём «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат баромад карданро мансуб донист.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия дар як вақт Сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад. Аз ин лиҳоз, самтҳои фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ буда, фарогирандаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат мебошанд.

Бояд зикр кард, ки падидаи Паёми Сарвари давлат ба парламент оид ба вазъи кишвар ва дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат дар конститутсияҳои аксар мамлакатҳои ҷаҳон муқаррар шудааст. Чунончи, дар конститутсияҳои кишварҳои ИДМ ба ҷуз аз Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба падидаи Паёми Президент ба парламент ва халқ муқаррароти дахлдор мавҷуд мебошад. Паёми Президент ба парламент ва халқ дар мамлакатҳои ИДМ пас аз касби соҳибистиқлолии давлатӣ рӯи кор омадааст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин падидаи муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ бо сабаби вазъи нооромии сиёсии солҳои 90-уми асри гузашта дар кишвар бавуҷудомада, бо гузаштани андаке фурсат, бахусус, пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон (соли 1997) муқаррар карда шуд.

Ҳамин тариқ, бо истифода аз таҷрибаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, ки дар дигар давлатҳои ҷаҳон ҷой дорад, бо мақсади рушди давлатдории миллӣ, таъмини пойдориву оромии кишвар, сулҳу субот ва ваҳдат, рушди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тараққии низоми комилан нави ҷамъиятӣ, мусоидат ба инкишофи демократикунонии минбаъдаи ҳаёти ҷомеа, ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллан ҷадид дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, такмил додани асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд ва кафолати онҳо, рушди падидаҳои Президент ва парламент се маротиба: 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридгардида меъёрҳои онро такмил дода, ҷиҳати таҳкими ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мукаммалу самаранок гардонидани низоми мақомоти давлатӣ ва рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат хоҳанд намуд.

Дар алоқамандӣ бо ин, ба моддаҳои 48, 55 ва 69 Конститутсия (аз 26-уми сентябри соли 1999) тағйиру иловаҳои дахлдор ворид шуданд. Аз ҷумла, дар моддаи 48 муқаррар гардид, ки Маҷлиси Олӣ – Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ иборат аз ду маҷлис, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аст. Вобаста ба ин тағйиру иловаҳо салоҳиятҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, инчунин гузаронидани ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои алоҳида пешбинӣ ва мушаххас карда шуданд. Банди 1) моддаи 69 Конститутсия ба Сарвари давлат муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вогузор намуд.

Тағйироти ба моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида муқаррар намуд, ки Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар мавридҳои савганд ёд кардан, истеъфо ва шунидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баррасии Паёми Президент «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», бидуни қабули қарор ҷаласаҳои якҷоя мегузаронанд. Сониян, моддаи 55 Конститутсия (22-юми июни соли 2003) дар таҳрири нав ифода мегардад, ки мувофиқи қисми сеюми моддаи мазкур дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунад ва Паёми худро «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ироа менамояд.

Ҳамин гуна, тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 1999 ва 22-юми июни соли 2003 воридгардида, ба ташаккул ва инкишофи падидаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз салоҳияти конститутсионии хеш мутобиқи қисми сеюми моддаи 55 ва банди 1) моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал 27-уми апрели соли 2000 Паёмро «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа карданд ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 21-уми декабри соли 2021 дар Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, 23-юмин Паёми Президенти мамлакат мебошад.

Ҳамин тавр, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Конститутсияи мамлакат маншаъ гирифта, ҳамчун санади конститутсионӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон мавқеи намоёнро касб намудааст. Зеро дар паёмҳои ҳарсолаи Президенти кишвар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, илму маориф, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди неруи инсонӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, ҳифзи сиҳатии аҳолӣ, рушди сайёҳиву соҳибкорӣ, қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ, тақвияти ватандӯстиву худшиносии миллӣ, сиёсати давлатии ҷавонону занон, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти ҷомеа, муқовимат ба терроризм, экстремизм, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакат, инчунин дигар масоили мубрам матраҳ шуда, роҳҳои ҳаллу рафъи мушкилоту монеаҳо пешниҳод мегарданд.

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон**

# РОҲНАМО БАРОИ ИМРӮЗУ ФАРДО

**Яке аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон қабули Конститутсия мебошад.**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун санади меъёрию ҳуқуқӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дорад. Арзиши олии миллат ҳисобида мешавад. Мувофиқи он ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ҳуқуқу вазифаҳои инсон аз ҷониби давлат эътироф ва кафолат дода мешавад. Тибқи талаботи Конститутсия ҳеҷ як мақомоти давлатӣ ва шахси мансабдори давлатӣ ҳақ надорад, ба ягон ваҷҳ ба қадру қимати инсон бирасанд. Конститутсия асосан шиносномаи давлату миллат ҳисобида мешавад, зеро дар он номи давлат, сохти давлатдорӣ ва сохтори он дарҷ гардидааст. Он ҳамеша қонуни асосии давлат ҳисобида шуда, сарчашмаи ҳамаи қонунҳо маҳсуб мегардад.




Бо шарофати қабули Конститутсияи Тоҷикистон чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ, халқи Тоҷикистонро чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ шинохтанд. Ин санади муқаддас ва такдирсоз чун чароғи фурӯзон роҳи рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва мардуми онро барои садсолаҳо мунаввар мекунад.

Конститутсия тавонист ифодагари манфиатҳои халқи тоҷик бошад, омоли меҳнаткашонро инъикос намояд, тоҷиконро дар арсаи олам муаррифӣ созад. Санади мазкур барои сулҳу салоҳ ва ваҳдати комил расидани тоҷикон нақши муҳим бозид. Ин ҳуҷҷати тақдирсоз аз ҷониби коршиносони байналхалқӣ дар шумори панҷ Конститутсияи беҳтарину мардумитарин давлатҳои узви Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо шинохта шудааст.

Албатта, дар таҳия ва омодасозии Конститутсияи Тоҷикистон саҳми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят зиёд аст.

Тавре Ҷаноби Олӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон қайд карданд: «Конститутсия ба сифати қонуни олӣ заминаҳои ҳуқуқии пешрафти ҷомеаро аз тариқи қабули қонунҳои нав гузошта, муносибатҳои ҷамъиятии гуногунро таҳти танзим қарор медиҳад».

Афзалияти дигари Конуститутсия таҳияи боби алоҳида оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон аст ва бори аввал мафҳуми инсон дар чаҳорчӯбаи қонуни асосии давлат баррасӣ ва эътироф гардид. Мутобиқи Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳаматарафа ҳимоя карда мешаванд ва давлат ба ин кафолат медиҳад.

Дар боби ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ба таври комил муайян шудаанд, ки ин нуқтаҳо дар конститутсияҳои қаблӣ набуданд.

Масъалаи дигаре, ки ба он таваҷҷуҳи хос дода шуд, бунёди оила, мақому мартабаи марду зан, падару модарон ва тарбияи фарзандон аст. Давлат оила ва ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекунад. Модару кӯдак ҳамеша зери ҳимояи махсуси давлат қарор доранд ва дигар муносибатҳои оилавӣ ҳам тариқи он ба танзим оварда мешаванд.

Аз ҷониби дигар, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандонро вазифадор менамояд, ки риояи ҳама талаботи ин санад ҳатмӣ аст, яъне шаҳрвандон дар ҳама ҳолат бояд талаботи конститутсияро риоя кунанд. Дар вақти риоя накардани талаботи конститутсия мутобиқи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ҷавобгарӣ муайян мешавад.

Муҳимтар аз ҳама, роҳнамоест барои имрӯзу фардои давлату миллат ва чун бахтномаи сарнавиштсоз моро ҳифз мекунад ва сӯйи ояндаи неку дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол мебарад. Бо эътимод метавон изҳор намуд, ки 28 – солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни муборакӣ миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории ҳар як фарди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи тоза мебахшад.

**Ҳасан ҚАЮМОВ,**
**муовини сардори Раёсати захираҳои оби минтақавии ноҳияи Панҷ**



# ТАЛАБОТ, ТАНЗИМОТ ВА МАХСУСИЯТИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САВДОИ ЭЛЕКТРОНӢ»

**12-уми октябри соли ҷорӣ зимни ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» қабул шуд, ки он муносибатҳои ҷамъиятиро дар савдои электронӣ танзим ва бехатариро дар ин самт таъмин менамояд. Вобаста ба талабот, танзимот ва умуман махсусияти қонуни мазкур хабарнигорамон бо директори Маркази миллии қонунгузорӣ Изатулло Саидзода суҳбат намуд.**

**- Муҳтарам Изатулло Саидзода, мегуфтед, ки зарурати таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» дар чист?**

- Дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, заминаи асосии пешравии иқтисодиёти ватанӣ ва рушди давлатдорӣ гардида истодааст. Рӯ овардани ҷомеа ба иқтисоди бозорӣ, кафолат додани фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳои бо қонун манъ-нашуда дар доираи Конститутсия, озодии рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, муҳайё намудани фазои ягонаи иқтисодӣ, шомилшавии кишвар ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ ҷиҳати кафолат додани гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ, омили асосии рушди соҳибкорӣ ва такомул ёфтани он дар кишвар гаштааст. Дар заминаи ин, бо мақсади рушди савдои электронӣ дар ҷумҳурӣ зарурати таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ба миён омад.

**- Мувофиқи моддаи 5-уми лоиҳаи қонун, иштирокчиёни савдои электронӣ фурӯшандагони мол, кор ва хизматрасониҳо, харидорони мол, кор ва хизматрасониҳо, инчунин миёнаравони иттилоотӣ ва дигар миёнаравон мебошанд. Ин фурӯшандагон, харидорону миёнаравҳо киҳоянд ва савдояшонро чӣ гуна ба роҳ мемонанд?**

- Ба фурӯшандагон шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолиятро оид ба фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ амалӣ менамоянд, мансубанд. Ба харидорон, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мансубанд. Миёнарави иттилоотӣ ва миёнаравони дигар дар савдои электронӣ инҳо мебошанд: таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ ва операторони низоми пардохтие, ки барои таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ ва ташкили ҳисоббаробаркуниҳо байни иштирокчиёни савдои электронӣ хизмат мерасонанд; ташкилкунандагони савдо, озмун ва музоядаҳо; ташкилотҳое, ки хизматрасонии дигарро барои таъмин ва дастгирии расмиёти электронӣ ҳангоми тартиб ва анҷом додани аҳдҳои электронӣ амалӣ менамоянд; операторон ва таҳвилгарони хизматрасонии алоқа, ки барои муомилоти ҳуҷҷатҳои электронии иштирокчиёни савдои электронӣ хизмат мерасонанд.



Ногуфта намонад, ки субъектҳои зикргардида, савдояшонро тариқи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ менамоянд.

**- Тартиби барасмиятдарории аҳд дар савдои электронӣ чӣ гуна сурат мегирад?**

- Барасмиятдарории аҳд дар савдои электронӣ дар қонуни мазкур пурра танзим ёфтааст. Механизми тартиби барасмиятдарории аҳд дар савдои электронӣ чунин сурат мегирад. Якум, фурӯшандагони мол, кор ва хизматрасонӣ, инчунин, миёнаравони иттилоотӣ ва миёнаравони дигар пешниҳодро бо назардошти талаботи қонун тариқи барномавию техникӣ ва намудҳои дигари шабакаҳои алоқаи электроние, ки барои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, паҳнкунӣ, инъикос ва истифодабарии маълумот пешбинӣ шудаанд, ба харидорони мол, кор ва хизматрасонӣ пешкаш мекунад. Дуюм, харидорони мол, кор ва хизматрасонӣ дар сурати розӣ будан пешниҳоди тариқи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешкашшударо қабул менамоянд, ки дар натиҷа аҳд дар савдои электронӣ басташуда эътироф мегардад.

**- Ташкили мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ ҳангоми барасмиятдарорӣ ва анҷом додани аҳдҳои электронӣ чӣ гуна мешавад?**

- Ташкили мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ ҳангоми барасмиятдарорӣ ва анҷом додани аҳдҳои электронӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ва созиши тарафҳо сурат мегирад.

**- Шахсоне, ки савдои электрониро ба амал мебароранд, киҳоянд?**

- Шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ, ки ба харидуфурӯши мол, кор ва хизматрасонии пардохтшаванда бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ машғул мебошанд.

**- Дар савдои электронӣ таъмини бехатарӣ чӣ гуна ба роҳ монда мешавад?**

- Шарти асосии таъмини бехатарӣ дар савдои электронӣ аз тарафи ҳар як иштирокчии он риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созиши тарафҳо мебошад. Инчунин, дар боби 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» талабот барои таъмини бехатарии савдои электронӣ пешбинӣ шудаанд. Мувофиқи қонун фурӯшанда, харидор, миёнарави иттилоотӣ ва миёнаравони дигар уҳдадоранд талаботи зеринро иҷро намоянд:

- сатҳи зарурии бехатарии шабакаи иттилоотию коммуникатсионӣ, махзани маълумот, воситаҳо, ҷои нигоҳдорӣ ва ҳифзи ҳуҷҷати электрониро таъмин намоянд;

- барои паст намудани хавфҳо, пешгирии таҳдид ва бархӯрди манфиатҳо, инчунин, қаллобӣ дар раванди савдои электронӣ бо истифодаи воситаҳои пешгирӣ ва огоҳонии ҳуқуқвайронкунӣ, мониторинги ҳуқуқӣ ва дигар усулҳои таъминоти фаъолият чораҳо андешанд;

- аз истеъмолкунандагон танҳо он маълумоти шахсиеро, ки барои иҷрои уҳдадориҳо оид ба аҳди электронӣ заруранд, талаб намоянд;

- ҳифзи ҳуҷҷати электронии дорои маълумоти шахсии истеъмолкунандагонро, ки ба онҳо зимни барасмиятдарорӣ ва анҷом додани аҳди электронӣ маълум гардидааст, таъмин намоянд;

- ҳуҷҷатҳои электронии дорои маълумоти шахсиро оид ба аҳди электронӣ пас аз анҷом ёфтани муҳлати нигоҳдории муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд созанд.

**- Ин қонун ба блогерон чӣ дахл дорад?**

- Қонуни мазкур ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба фаъолияти блогерон дахл надорад.

**- Татбиқи ин қонун ба нафароне, ки интернет-магазинҳо доранд, чӣ гуна сурат мегирад?**

- Интернет-магазинҳо ҷузъи савдои электронӣ мебошанд, яъне фаъолияти соҳибкорӣ оид ба харидуфурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ, ки бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва расмиёти электронӣ амалӣ мегардад ва табиист, ки қонун ба нафароне, ки интернет-магазинҳо доранд, татбиқ мегардад.

**- Оё қабули қонун барои наздик шудан ба татбиқи ҳукумати электронӣ мусоидат мекунад?**

- Бале, зеро асосҳои ҳуқуқии таҳияи қонуни мазкурро боби сеюми Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011 таҳти №643 тасдиқ гардидааст ва банди 62.3. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 таҳти №642 тасдиқ шудааст, ташкил менамояд.

**- Магар мардум ба савдои электронӣ омодаанд?**

- Ман дар он андешаам, ки мардуми мо ба савдои электронӣ омодаанд, агар омода намебуданд ё талабот намебуд, қонуни мазкур таҳия ва қабул намегашт.

**- Яке аз афзалиятҳои қабули қонуни мазкур афзудани шумораи одамонест, ки аз кортҳои бонкӣ истифода мебаранд. Инро чӣ гуна шарҳ медиҳед?**

- Кортҳои бонкӣ низ қисмати ҷудонашавандаи савдои электронӣ ҳастанд. Қонун, ки қабул гардид, барои иштирокчиёни савдои электронӣ зарурат ба миён меояд, ки корти бонкӣ фармоиш диҳанд ва ин ҳолат, албатта, ба афзудани шумораи одамоне, ки аз кортҳои бонкӣ истифода мебаранд, бетаъсир намемонад.

**- Афзалияти дигари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» бартараф шудани монеаҳои нолозими маъмурӣ ва таъсиси ҷойҳои нави кор мебошад. Ин чӣ гуна амалӣ мегардад?**

- Монеаҳои маъмурӣ дар иқтисодиёт қоидаҳое мебошанд, ки бо қарорҳои мақомоти давлатӣ барои пешбурди фаъолияти муайян дар савдо муқаррар карда шудаанд, ки риояи онҳо шарти ҳатмии пешбурди ин фаъолият мебошад. Барои кушодан ва пешбурди кори нуқтаи савдо тибқи қонунгузорӣ аз 5 то 10 қарори мақомоти марбута талаб карда мешавад. Масалан, қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи муқаррар намудани вақти кории нуқтаи савдо. Дар савдои электронӣ бошад, ин талабот аз байн меравад.

Вобаста ба қисмати дигари савол оид ба таъсиси ҷойҳои нави кор бошад, заминаи ҳуқуқӣ доир ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти савдои электронӣ пайдо гардид, ки он ҳам ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни савдои электронӣ, инчунин, таъмини фаъолияти онҳо равона гардидааст. Табиист, ки хоҳишмандон доир ба машғул шудан ба савдои электронӣ зиёд мегардад ва ҷойҳои нави корӣ таъсис мегардад.

**- Ин қонун ба истеъмолкунандагон, новобаста ба ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, имкони якхела медиҳад. Оё суръати интернет ба ин халал намерасонад?**

- Халал расонидани суръати интернет ба савдои электронӣ масъалаи техникӣ аст, на ҳуқуқӣ. Лекин воқеият ҳамин аст, ки савдои электронӣ ба истеъмолкунандагон, новобаста аз ҷойгиршавии манотиқ, ҷиҳати шиносоӣ ба мол, кор ва хизматрасонӣ имконоти якхела медиҳад.

**Мусоҳиб Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**




# КОРҲОИ СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ДАР КӮШОНИЁН

**Ноҳияи Кӯшониён дар партави сиёсати дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯз ба рӯз ободу зебо гардида, аҳли заҳмати ноҳия дар давоми 9 моҳи сипаригардидаи соли ҷорӣ ба як қатор комёбиҳои назаррас ноил гардиданд, - иброз дошт зимни суҳбат раиси ноҳияи Кӯшониён Икромиддин Ализода.**

Аҳли заҳмати ноҳия баҳри сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 35 – солагии Истиқлолияти давлатӣ ҷаҳду талош намуда истодаанд.

- Дар ноҳия ба ифтихори ин ҷашни фархунда бунёду навсозии 252 иншооти таъиноти гуногун, аз қабили сохтмони 3 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 67 синфхонаи иловагӣ, 18 бунгоҳи тиббӣ, 18 маркази саломатӣ, 3 сартарошхона, 4 коргоҳи хурди дӯзандагӣ, корхонаи коркарди сангу шағал, корхонаи мевахушккунӣ, корхонаи нассоҷӣ, корхонаи коркарди маҳсулоти офтобпараст, корхонаи коркарди меваю сабзавот, коргоҳи хурди истеҳсоли хиштҳои сементӣ, 2 сардхона, 84 мағозаи фурӯши маҳсулоти ниёзи мардум, 2 майдончаи варзишӣ, 2 дорухона, таъмири 4 муассисаи томактабӣ, 6 муассисаи таълимӣ, 31,2 километр роҳу 3 пул, насби 11 трансформатор, чароғонсозии 4,2 километр роҳ ва бунёди биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар маҷмӯъ, аз 252 иншооте, ки ба нақша гирифта шудааст, 17 адади он коргоҳу корхонаҳои саноатӣ мебошанд.

Баъди мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти дар нақшабуда зиёда аз 400 сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимию мавсимӣ ва маоши хуб таъмин хоҳанд шуд, - гуфт раиси ноҳия.

Тибқи нақша, соли ҷорӣ бояд 22 иншоот сохта шавад, ки то инҷониб аллакай 20 – тои он бунёд шуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Бино ба маълумоти расида, бо ташаббуси соҳибкор Фирдавс Достиев ва маблағгузории гранти USAID ACTED бо харҷи 2 миллиону 484 ҳазор сомонӣ корхонаи мевахушккунӣ, бандубасти меваю сабзавот ва маркази логистикӣ бунёд гардид, ки дар он 20 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин шуданд.



- Дар арафаи ҷашни 25 – солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар асоси супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташаванда» – и Вазорати нақлиёт дар шаҳраки Бӯстонқалъа сохтмони пул ба анҷом расонида шуд, ки маблағи он зиёда аз 3 миллион сомониро дар бар мегирад. Дарозии пул 85 метр буда, паҳноиаш 3,2 метр мебошад ва иқтидори бардоштани он 15 тонна вазнро дорад. Ҳамчунин се мағозаи фурӯши маҳсулоти ниёзи мардум, нуқтаи таъмиру шустушӯи нақлиёт, дӯкони хизматрасонии компютерӣ ва толори сақобозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд, ки дар онҳо беш аз 30 нафар сокинон бо ҷои кор таъмин гардиданд. Ҳоло дар беш аз 20 иншооти дигар корҳои сохтмонӣ бо риояи тамоми талаботи меъмориию шаҳрсозӣ бомаром идома доранд, - гуфт Икромиддин Ализода.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар ноҳия 41 адад корхонаву коргоҳи саноатӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 56 номгӯи молу маҳсулот истеҳсол мешавад. Дар нуҳ моҳи сипаришудаи соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба беш аз 243 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 71 миллиону 257 ҳазору 100 сомонӣ зиёд мебошад.

Ноҳияи Кӯшониён яке аз таъминкунандаҳои асосии бозорҳои вилояту ҷумҳурӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ буда, саҳми деҳқонони ноҳия дар таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат назаррас мебошад. Аҳли заҳмати ноҳияи мазкур ҳар ваҷаб заминро самаранокy оқилона истифода бурда, бо ин васила ҳам буҷети оилаи хешро ғанӣ мегардонанд ва ҳам бозорҳои мамлакатро бо меваю сабзавоти тару тоза таъмин мекунад. Гуфта мешавад, ки кишоварзони ноҳия то 1 октябри соли 2022 дар майдони 1232,4 гектар ғалладона, 1181,4 гектар гандум, 51 гектар ҷав ва супӣ (овёс), 188 гектар ҷуворимакка барои дон, 180 гектар шолӣ, 453 гектар картошка, 1722,7 гектар сабзавот, аз ҷумла пиёз 231 гектар ва 180,5 гектар полезиҳо кишт карда, ҳосили дилхоҳ ба даст оварданд.

Дар 9 моҳи соли сипаришуда аз заминҳои киштгашта 25 ҳазору 892 тонна ғалладона, 133 ҳазору 213 тонна сабзавот, 11 ҳазору 616 тонна полезӣ, 18 ҳазору 108,7 тонна картошка, 13 ҳазору 911 тонна мевагиҳо ва 5931 тонна ангур ҷамъоварӣ карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан аз 100,1 то 125,5 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра аз ноҳияи Кӯшониён ба хориҷи кишвар 4501,5 тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот шудааст, ки 100 фоизи нақшаро дар бар мегирад.

- Мардуми шарафманди ноҳияи Кӯшониён минбаъд низ кӯшиш мекунанд, ки сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои созандаи Давлату Ҳукумати мамлакат ва шукуфоии Тоҷикистони азиз саҳми арзанда гузоранд, - илова кард Икромиддин Ализода.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

Заҳмати ҳампешаро ҳампеша медонад...

# ҒАМЧАКИДАҲОИ ХОМАИ РОВӢ

**Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-и ба номи Исмоили Сомонӣ дар маркази ноҳия - шаҳраки Файзобод қарор дошта, омӯзгорон бо даҳҳо дастпарварони фарзонааашон фахр мекунанд.**

Яке аз дастпарварони муассисаи зикршуда Субҳони Ҷалил аст, ки баъд аз рӯнамоии китобҳояш («61 алами бемодарӣ» ва «Аз қалъаи дил то Қалъаи Сангин») дар Филармонияи халқии ноҳия ба номи Нигина Рауфова омӯзгорони таълимгоҳ ифтихормандона «Субҳон талабаи мактаби мост» гуфтанд.

Ӯ соли 1994, пас аз хатми мактаби миёна, ба шуъбаи радиофизика ва электроникаи факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2000-ум бо ихтисоси муҳандиси радиофизика ва электроника хатм кардааст.

Фаъолияти Субҳон Ҷалил берун аз ихтисос сурат мегирад. Ӯ дар идораи барномаҳо барои ҷавонон ва наврасони «Радиои Тоҷикистон» корро ба ҳайси муҳаррир оғоз намуда, баъдан муовини сармуҳаррир ва иҷрокунандаи вазифаи сармуҳаррир буд. Аз соли 2004 ба радиои «Ватан» гузашта, аз муҳарририи идораи мусиқӣ - фароғатӣ то мақоми директори кулли радиои «Ватан» сабзидааст.

Қаҳрамони матлаб аз оғози кор дар ин муассиса муаллифи шоу-барномаи «Субҳи Ватан», муаллиф ва гӯяндаи гуфторҳои зиёди радиоӣ, мисли «Ҳуқуқи ман», «Молияи ман», «Гулбоғи сухан», «Ахбори молия ва иқтисод», «Гуфтугӯҳои кишоварзӣ», инчунин барномаҳои телевизионии «Лаззат», «Интелект шоу» ва «Пухтупаз» аст.

Истеъдоду маҳорати кории Субҳон Ҷалил холисонаю беғаразона қадрдонӣ гардидааст. Ӯ барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ, Аълочии фарҳанги Тоҷикистон, Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон, нахустин барандаи Ҷоизаи Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон - «Эътимод» ва дорандаи медали «100 - солагии матбуоти тоҷик» мебошад.

Дар ин матлаб ҳунари шеърофарии Субҳон Ҷалил дар доираи китобаш «Аз қалъаи дил то Қалъаи Сангин» меҳвар аст. Пеш аз ҳама, номи китоб хонандаро ба андеша мебарад. Бо як ҷумла ифода мекунем, ки аз марги модар дар дили шоир қалъае бунёд шуда, Қалъаи Сангин, гӯристони иҳотаи мақбараи суфӣ ва орифи асри VIII Ҳотами Асам, ба модари азизи Субҳон манзили абадӣ гардидааст.

Ҳар мухлиси андешаманди адабиёт, агар ба ашъори номбурда таваҷҷуҳ зоҳир намояд, мефаҳмад, ки ӯро Модар шоир кардааст, дурусттараш, ғами Модар. Марги Модар барои ӯ «чӯби алам гашту қомати шеър». Кӣ инкор мекунад, ки барои Модар аз ғами фарзанд дида сангинтар ғаме нест?! Вале Модаре, ки воқеан азизи дилу ҷон аст, набуданаш гаронтарин ғами фарзанд мешавад. Модар ба Субҳону Субҳон ба Модар чун нафас азиз будаанд. Ба ҳамин сабаб марги модар ӯро сахт такон дода, ба ҳақиқат, шоир кардааст. Шеъри ӯ оташест ҷонгудоз аз ҷудоии Модар. Ҳамин рубоии устоди калом Бозор Собир басанда аст, ки дигар аз ғам забони алам накушоему дар мавриди ғам гапро ба дарозо намебарем:

**Гӯянд, ки шеър мояи дарду ғам аст,**
**Шоир нашавад касе, ки ӯ беалам аст.**
**Ҳар қатраи вожае, ки дар дафтари мост,**
**Чун хуни чакида аз димоғи қалам аст.**

Гумон надорем, ки қаҳрамони матлаб пеш аз модарнома навиштан шеър эҷод накарда бошад. Зеро офаринише, ки дар ин китоб ворид шудааст, башорати ҳунару истеъдоди шоирист.

Мусаллам аст, ки ашъори каммоя ва аз масъулияти ҳунарӣ орӣ ба хонандаи закӣ писанд намеояд. Ба шеъри Субҳон Ҷалил набояд аз оинаи чунин ақида нигоҳ кард. Рубоиҳои ӯ, қитъа ё дубайтиҳояш самимӣ, сидқан ҷигарӣ, дилнишин ва лоиқи ба такрор хондан ҳаст. Субҳон Ҷалил сохта, сатҳӣ, беранг, ба дигар ифода абстракт намегӯяд. Шеъри ӯ садои зангӯлаҳои ғами дили ӯст, ки аз диду мушоҳидаву тасаввури ҳарлаҳзаинаи шоирона рӯ задаанд. Ҳар модаргумкардаро ашъори ӯ сӯи худ мекашанд. Ба мисол:

**Бе оча тамоми зиндагӣ пуралам аст,**
**Сад ҷони ширин барои як оча кам аст.**
**Аз дарду фироқ ба сина ду Кӯҳи Мазор,**
**Аз гиряи ман ду дида Элок ғам аст.**

**Модар бигузашту як дилогоҳ намонд,**
**Як дидаи интизор дар роҳ намонд.**
**Вақте ки хазинадори даргоҳ намонд,**
**Дар хирмани умри мо ба ҷуз**
**коҳ намонд.**

Аслан имрӯз шоире нест, ки модарро васф накарда бошад. Аз диди мо дар адабиёти форсӣ - тоҷикӣ машҳуртарин шоирони модарноманавис Эраҷ Мирзо, (Эрон), устод Мирзо Турсунзода ва Лоиқ Шералианд. Агар адибони «касбӣ»-ро сарфи назар кунем, Субҳон Ҷалил шоирест, ки дар ду китоб («61 алами бемодарӣ» ва «Аз қалъаи дил то Қалъаи Сангин») дар ҳаҷми 16 ҷузъи чопӣ бо сӯзу ҳасрат алами бемодарӣ кардааст.

Воқеан, адабиёти классикӣ достонҳои «Юсуфу Зулайхо», «Бежан ва Манижа», «Вис ва Ромин», «Шодбаҳру Айнулҳаёт» дораду Низомии Ганҷавӣ бо «Лайлӣ ва Маҷнун» тасвири занро арзанда офаридааст. Аммо зан ҳамчун модар дар адабиёти классикӣ нақши бориз надорад. Аз масъалаҳои муҳиме, ки дар ашъори Низомӣ қарор дораду «Низомӣ оид ба ин масъала шоири нововар дониста мешавад, ҳунари тасвири зан ва онро то ба дараҷаи типи бадеӣ офаридани ӯст». (Ҳафиз Раҳмон). Устод Мирзо Турсунзода дар ин бобат ба Низомӣ чунин баҳо медиҳад: «Шояд таъсири ишқи сӯзони зани дӯстдораш Офоқ бошад, ки Низомӣ нисбат ба зан ин тавр муносибат доштан аз муносибати соф ва содиқона ба инсон доштан ба майдон омадааст».

Шоирони рус А. Блок, С. Есенин, М. Светаева, А. Ахматова дар васфи модар шеърҳои хуб доранд, вале ҳадафи онҳо асосан панд додану ба хулқи нек ҳидоят кардан аст.

Ҳарчанд мавсуф бо модарномааш мақсади ба адабиёт ворид шудан надошта, шеърашро, тавре ишора кардем, ба таскини дили худ мебахшад, арзиш дорад, ки офаридаҳои ӯро бемуҳобо моли адабиёт ҳисобем. Чаро не, ки ба унсурҳои асосии шеър - мавзӯъ, вазн, қофияю радифу таносуб ва аз ҳама асосӣ, шеърият ҷавобгӯянд. Каломи Субҳон равону ҷавҳардор, тасвирҳояш зебову диққатрабоянд. Субҳон Ҷалил андешаи шоир Мирзо Саъдӣ (Саъдӣ Мирзоев)-ро дорад, ки гуфтааст:

**Даъвои шоирӣ нанамудам**
**ба умри хеш,**
**Зеро ки шоирӣ зи азал**
**кори дигар аст.**
**Дар кӯлбори шоириям**
**шеър не, ғам аст,**
**Дард асту доғу ҳасрату**
**пиндори дигар аст.**



Дар омади гап: Гулрухсор, Шоири халқии Тоҷикистон, ба Субҳон Ҷалил тавсия додааст, ки ӯ шеърнависиро қатъ накунад, зеро истеъдодаш ғанӣ аз алфози шоирист...

Модарномаи Субҳон Ҷалил соли 2021 аз чоп баромада бошад ҳам, аллакай хонандаҳои сершумор ёфтааст. Ҳофизони ҷумҳурӣ бар ашъори Субҳон Ҷалил оҳанг месозанду тавассути радио ва телевизионҳои «Тоҷикистон», «Кӯлоб» -у «Хатлон» месароянд. Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Аюбӣ, сарояндаҳои хушсалиқа Ҳабибуллои Мирзошариф, Тоҷиддин Раҳимов, Абдураҳмон Нуров, Карим Назар, Эркин Одинаев, Азиз Ваҳҳобов аз ҳамон ҷумлаанд.

Мо Субҳон Ҷалилро барои шоир будан табрик мегӯем. (Аслан, касе, ки як рубоии сара гуфта бошад, унвони шоирӣ мегирад).

Хулосаи калом, «61 алами бемодарӣ» ва «Аз қалъаи дил то Қалъаи Сангин»-ро бе дарду ҳасрату алам мутолиа кардан муҳол аст.

Ду рубоӣ дар хотимаи сухан:

**Рӯзе, ки дилат, оча, зи кор ногаҳ монд,**
**Музтар ҳама фарзанди ту**
**дар погаҳ монд.**
**Умеди шифо бирафтӣ бо рафтани ту,**
**Як халтача дору дар бари ҷогаҳ монд.**

**Равшан раҳам аз нури чароғат, модар,**
**Муҳре ба ҷигар зи дарду доғат, модар.**
**Як кӯча занак хумории суҳбати ту,**
**Як хона набера дар суроғат, модар.**

**Ҷӯрабек МУЪМИН, адиб**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412331 | Муассисаи давлатии «Мактаби таҳсилоти миёнаи асосии №110»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.11.2022 15:45:00 |
| 2 | 412369 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 15.11.2022 09:30:00 |
| 3 | 412359 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Таъмири ҷории намои берунаи бино ва азнавсозии девори иҳотакунандаи факултети филологияи тоҷики муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.11.2022 15:15:15 |
| 4 | 412360 | Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи №13 ба номи М. Горкий» | Таъмири боми муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.11.2022 15:30:00 |
| 5 | 412361 | Муассисаи давлатии «Мошинсарои воситаҳои нақлиёти махсуси тиббӣ»-и вилояти Суғд | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 23.11.2022 15:40:00 |
| 6 | 412364 | Муассисаи таълимии давлатӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд | Азнавсозии синфхонаҳои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.11.2022 15:45:00 |
| 7 | 412362 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт ва мотороллер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 23.11.2022 15:50:00 |
| 8 | 412363 | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | Асбобҳои мусиқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 23.11.2022 15:50:18 |
| 9 | 412365 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №58-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таъмир намудани толори маҷлисгоҳи муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 23.11.2022 16:10:00 |
| 10 | 412367 | КВД «Сохтмони асосӣ»-и назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | Молҳои техникӣ, роҳаткурсӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 23.11.2022 16:10:16 |
| 11 | 412366 | «Коллеҷи муҳандисӣ – техникӣ»-и ноҳияи Нуробод | Таҷҳизоти идоравӣ (компютери рӯимизӣ, проектор ва дигар таҷҳизоти ёридиҳанда) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 23.11.2022 16:31:43 |
| 12 | 412372 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти маишӣ ва офисӣ, қаиқҳои нафаскашии наҷотдиҳӣ, костюмҳои оббозӣ, насос, компрессор, асбобҳои корӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 24.11.2022 10:00:00 |
| 13 | 412368 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Сарулибоси низомӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 24.11.2022 10:15:00 |
| 14 | 412332 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии «Роғун» | Нақлиёти тамғаи «Toyota Hilux» (комплектатсияи M1) GUN 125L-DTFLX | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 24.11.2022 14:00:00 |
| 15 | 412374 | Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи ҷумҳуриявии кӯдаконаи «Қаратоғ» | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ, масолеҳи сохтмонӣ, хӯрокворӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 93 | 24.11.2022 15:00:00 |
| 16 | 412375 | Шуъбаи фарҳанги шаҳри Ваҳдат | Идомаи сохтмони бинои қасри фарҳанги шаҳри Ваҳдат (марҳилаи дуюм) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2022 15:00:00 |
| 17 | 412373 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 25.11.2022 10:47:13 |
| 18 | 412370 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 25.11.2022 15:00:00 |
| 19 | 412376 | Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода | Таъмири ҷории бинои таълимӣ ва саҳни бинои таълимии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.11.2022 15:50:00 |
| 20 | 412384 | Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Таъмири капиталӣ ва азнавсозии бинои филиали №60 БДА ҶТ дар ноҳияи М. С. А. Ҳамадонӣ, бартарафкунии гараж ва насбкунии дарвозаи оҳанин дар филиали №61 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Фархор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.11.2022 09:50:00 |
| 21 | 412377 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони президентӣ» дар вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 64 | 24.11.2022 15:55:00 |
| 22 | 412378 | Муассисаи давлатии «Кӯдакистони президентӣ» дар вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 72 | 24.11.2022 16:00:00 |
| 23 | 412344 | Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе | Жалюз ва мебели идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 24.11.2022 17:00:00 |
| 24 | 412379 | Шуъбаи маорифи шаҳри Гулистон | Таҷҳизоти идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 24.11.2022 17:45:00 |
| 25 | 412380 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 24.11.2022 18:30:30 |
| 26 | 412381 | Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба таъмини ҷои зисти омӯзгорон бо хӯроки наҳорӣ барои 120 нафар (ҳамагӣ 6 шабонарӯз) дар ҳудуди ноҳияи Ҷаббор Расулов | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 24.11.2022 18:50:00 |
| 27 | 412383 | Муассисаи давлатии «Маркази наркологӣ»-и вилояти Суғд | Таҷҳизоти тиббӣ, мошинаи ҷомашӯӣ ва компютери рӯимизӣ (моноблок) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 24.11.2022 18:55:00 |
| 28 | 412385 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 25.11.2022 10:59:59 |
| 29 | 412386 | Маркази саломатии шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷории бом, намо ва қисмати дохилии бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.11.2022 11:20:00 |
| 30 | 412387 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №4 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Молҳои техникӣ, дастгоҳи бисёрфунксионалӣ (МФУ-принтер), кондитсионер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 25.11.2022 13:00:00 |
| 31 | 412388 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар ноҳияи Шаҳринав | Хариди ҷевон, мошинаи ҷомашӯӣ, роҳаткурсӣ, тахтаи синфӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 25.11.2022 14:35:58 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд

**1. Сардори шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ - 1 ҷой**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**2. Сардори шуъбаи идоракунии корҳо ва назорат - 1 ҷой**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**3. Сармутахассиси раёсати санъат - 1 ҷой**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**4. Сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста - 1 ҷой**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**5. Сармутахассиси бахши танзими техникӣ – 1 ҷой.**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии муҳандисӣ - сохтмонӣ, техникӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**6. Сармутахассиси шуъбаи ҳисоботи муҳосибавӣ ва баҳисобгирӣ - 1 ҷой.**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии иқтисодӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ**

**7. Мутахассиси пешбари раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - 1 ҷой.**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии соҳаи фарҳанг, гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**8. Мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус - 1 ҷой.**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки ухдадориҳои мансабии маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ**

**9. Мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилӣ - 1 ҷой.**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;
- на кам аз 3 сол собиқаи меҳнатӣ аз рӯи ихтисос;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ**

**10. Мутахассиси раёсати санъат - 1 ҷой.**

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:
- таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1112,20 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:**
- аризаи шахсӣ ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона сурати андозаи 4х6 (маълумотҳои шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи шаҳодатномаи акди никоҳ;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома аз ҷои истиқомат (ҳайати оила);
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**ЭЗОҲ:** Барои довталабон донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос, малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ зарур буда, донистани забонҳои хориҷӣ бартарӣ дорад.

**Қабули ҳуҷҷатҳо - дар муҳлати 21 рӯз аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун.**

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо ва баргузории озмун: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 34, тел. 223-19-71 ва 221-04- 23, сайти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон www.vfarhang.tj**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**6 декабри соли 2022 музоядаи № 21-ро оид ба фурӯши амволе, ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд**

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин (га) | Масоҳати умумии бино ва иншоот (м²) | Арзиши ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Бохтар, деҳоти Заргар, деҳаи Бешкаппа | 0,09 | 423,3 | 606 410 |
| 2 | Филиали бонк дар шаҳри Бохтар | шаҳри Бохтар, хиёбони Ваҳдат - 25ᵃ | 0,45 | 2519,2 | 11 567 739 |
| 3 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Бохтар | шаҳри Бохтар, кӯчаи Мирзоқодиров - 3 | 0,1 | 658 | 5 293 585 |
| 4 | Корхонаи хурди равғанбарорӣ | ноҳияи Вахш, шаҳраки Киров, шуъбаи 1 б/р | 0,24 | 2419,0 | 1 026 140 |
| 5 | Корхонаи коркарди пахта бо таҷҳизот дар ноҳияи Вахш - ҶДММ «Файзи Вахш» | ноҳияи Вахш, деҳоти Рӯдакӣ, деҳаи Чапаев | 1,66 | 3 332 | 50 042 155 |
| 6 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Обикиик | ноҳияи Хуросон, шаҳраки Обикиик, кӯчаи Ориён | 0,22 | 840,6 | 3 580 071 |
| 7 | Заводи пахтақабулкунӣ ва коркард | ноҳияи Хуросон, деҳоти Ҳилолӣ, деҳаи Пахтаобод | 14,2 | 1618,0 | 1 029 533 |
| 8 | Қисми фермаи чорводорӣ | ноҳияи Ҳамадонӣ, деҳоти Турдиев, деҳаи Иқбол | 3,9 | 5476,7 | 1 369 175 |
| 9 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Куйбишев | ноҳияи А. Ҷомӣ, шаҳраки Куйбишев, кӯчаи Сомониён - 6 | 0,14 | 399,6 | 2 132 104 |
| 10 | Заводи пахтатозакунӣ | ноҳияи А.Ҷомӣ, шаҳраки А.Ҷомӣ, кӯчаи Озодӣ б/р | 1,0 | 1493,0 | 4 652 350 |
| 11 | Корхонаи коркарди ашёи хоми пахтаи ҶДММ «Файзи Вахш» | ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, шаҳраки Куйбишев - 1 | 2,8 | 4 347 | 40 073 535 |
| 12 | Молу мулки ғайриманқул иборат аз бино ва иншоот | ноҳияи Ҷ. Балхӣ, деҳоти Маданият, деҳаи Роҳи оҳан, ҶДММ «Агро Фуд Голд» | 2,47 | 3369,2 | 1 249 740 |
| 13 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Восеъ | ноҳияи Восеъ, шаҳраки Восеъ, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 41 | 0,10 | 579,9 | 1 445 042 |
| 14 | Заводи равған, консерва, пахта ва фабрикаи ресандагӣ | ноҳияи Восеъ, кӯчаи Умари Хайём - 18 | 24,9 | 25865,1 | 15 422 211 |
| 15 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Восеъ | ноҳияи Восеъ, деҳоти Рӯдакӣ, деҳоти Навобод | 0,15 | 393 | 3 046 613 |
| 16 | Ҳафт адад бинои нуҳошёна дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 2,06 | 28 644,0 | 118 872 600 |
| 17 | Фабрикаи ресандагӣ бо таҷҳизот дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 4,1 | 15 120,0 | 146 882 779 |
| 18 | Бинои нуҳошёна дар ноҳияи Данғара (нотамом) | ноҳияи Данғара, маҳаллаи 7 | 0,0 | 4 092 | 16 981 800 |
| 19 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар ноҳияи Данғара | ноҳияи Данғара, кӯчаи Умари Хайём – 1ᵃ | 0,14 | 1 027 | 10 270 500 |
| 20 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳраки Қубодиён | ноҳияи Қубодиён, шаҳраки Қубодиён, кӯчаи Марказӣ - 33 | 0,20 | 742,7 | 3 777 865 |
| 21 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Ҷайҳун | ноҳияи Ҷайҳун, шаҳраки Дӯстӣ, кӯчаи Спитамен - 31 | 0,07 | 623,9 | 2 706 254 |
| 22 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Панҷ | ноҳияи Панҷ, шаҳраки Панҷ, кӯчаи Рӯдакӣ - 47 | 0,24 | 548,0 | 1 803 742 |
| 23 | Филиали бонк дар шаҳри Кӯлоб | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ҳувайдуллоев - 45 | 0,27 | 1823,8 | 8 713 067 |
| 24 | Бинои филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар шаҳри Кӯлоб | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 21 | 0,17 | 746 | 6 005 122 |
| 25 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Муъминобод | ноҳияи Муъминобод, шаҳраки Муъминобод, кӯчаи А.Давлатов - 34 | 0,56 | 888,5 | 4 669 230 |
| 26 | Бинои филиал дар ноҳияи Муъминобод | ноҳияи Муъминобод, шаҳраки Ленин, кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 0,09 | 376 | 3 379 500 |
| 27 | Бинои филиал дар ноҳияи Ховалинг | ноҳияи Ховалинг, кӯчаи Исмоили Сомонӣ | 0,1 | 505 | 3 826 709 |
| 28 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин | ноҳияи Ш.Шоҳин, деҳаи Шӯрообод | 0,26 | 219,6 | 454 694 |
| 29 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Фархор | ноҳияи Фархор, шаҳраки Фархор, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 46 | 0,16 | 579,8 | 1 398 531 |
| 30 | Фабрикаи ресандагӣ дар ноҳияи Фархор - ҶДММ «Адолат» (нотамом) | ноҳияи Фархор, деҳоти Зафар | 4,56 | 7 391 | 73 674 403 |
| 31 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар ноҳияи Дӯстӣ | ноҳияи Дӯстӣ, деҳаи Ҷиликӯл, кӯчаи Каримов - 1 | 0,31 | 1049,6 | 4 940 097 |
| 32 | Заводи пахтатозакунӣ | ноҳияи Дӯстӣ, деҳоти Нури Вахш, деҳаи Гогол б/р | 5,1 | 6307,8 | 2 431 283 |
| 33 | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» | ноҳияи Балҷувон, кӯчаи Марказӣ б/р | 0,08 | 332,5 | 1 720 243 |
| 34 | Заводи пахтатозакунӣ | ноҳияи Кӯшониён шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Чапаев | 3,9 | 7186,0 | 3 953 103 |
| 35 | Бинои меҳмонхона дар шаҳри Левакант | шаҳри Левакант, кӯчаи Борбад | 0,1 | 532 | 3 365 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

**Ҷои баргузоршавии музояда – шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда соати **10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ WWW.MUZOYADA-KVD.TJ гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории № 0254794-и гумшуда ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии ба қайд гирифтани соҳибкори инфиродии гумшуда, ки онҳоро соли 2016 Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Тоҷибеков Алиризо Ҷамшедович (РЯМ 0230062163, РМА 015824129) додааст, эътибор надоранд.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0091682-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Хуросон соли 2014 ба Аннақулов Алиёр Донабоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25 - и шаҳри Душанбе соли 1987 ба Раҳматова Фароғат Шодиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ №017369-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27 - и шаҳри Кӯлоб соли 1997 ба Каримова Шаҳриноз Шоназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати синфи нуҳуми силсилаи А №384078-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и ноҳияи Қубодиён соли 1989 ба Билолова Гулгунча Кандиловна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЖВ-134174 таҳти қайди №42483-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 1981 ба Авазбекова Қурбонбегим Хайруллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии таҳти қайди 13649-и гумшуда, ки онро Корхонаи байниноҳиявии бақайдгирии техникии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1993 бо суроғаи ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ), Ҷамоати деҳоти 40-солагии Тоҷикистон (ҳоло Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ) деҳаи Маҳмадшои боло-2, ҳавлии №132 ба Баротов Маҳмуд додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2020 ба Мунавварзода Сипеҳри Мирзомуддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи нафақаи №13411-и гумшуда, ки онро Шуъбаи хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ноҳияи Сино - 1, 12 -уми июли соли 2016 ба Сафаров Сайфудин Мирзоёрович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ № 268266-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Қубодиён соли 2001 ба Ғаниева Назира Абдусаматовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АВ № 0035799-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Қубодиён соли 2000 ба Ҳокимова Лайли додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ба ҳуқуқи моликият супоридани квартираи таҳти феҳристи 1Ш – 1744-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 6 сентябри соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 183, квартираи 98 ба Мирзоева Заррина Абдусатторовна додааст, эътибор надорад.

✓ Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талаботи таҳти феҳристи 2Ш-1301-и гумшуда ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 12 сентябри соли 2018 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 9, блоки А, ошёнаи 9, даромадгоҳи 1, квартираи 25 ба Мирзоева Заррина Абдусатторовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2020 ба Шарифзода Муҳаммадниёзи Ҷӯрабек додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0016479-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №49-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2014 ба Табарова Дилноза Мамадалиевна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Кооперативи тиҷоратии «Бобои Маҷид» (РЯМ 2410001404), фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Шоҳзода», ки 26 ноябри соли 2009 таҳти қайди ИҶ 1235 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Funded by European Union Humanitarian Aid · IFRC · Finnish Red Cross · German Red Cross · Croce Rossa Italiana

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарикони рушд - Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва Салиби Сурхи Олмон дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:**

**Аз рӯи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳрони гуманитарӣ ва тандурустӣ» (ECHO PPP):**

**Лоти 1:** Таъмири 21 бинои ҷамъиятӣ дар сатҳи маҳал барои истифодабарии КМҲФ;

**Лоти 2:** Таъмини маҷмӯаҳои саломатӣ, аз ҷумла ашёҳои маводи муҳофизатии инфиродӣ барои 69 филиали ҶҲАТ.

**Аз рӯи лоиҳаи «DREF Operation»:**

**Лоти 3:** Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ;

**Лоти 4:** Таъмини маводи мактабӣ;

**Лоти 5:** Таъмини маводи ғайриозуқаворӣ.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 ба унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки дар онҳо нархҳои пешниҳодшуда нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 18 ноябри соли 2022, соати 9⁰⁰ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17. МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 4 ноябри соли 2022, соати 16:15 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33410 нусха

Навбатдорони шумора С. Суннатӣ ва Ҳ. Тоҳирӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров